СОЛИМИИ КӮДАК – САРМОЯИ ФАРДОИ ДАВЛАТ с. 9

АФЗОИШИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ с. 2

ЗАХИРАИ РЕКОРДИИ ТИЛО ДАР ТОҶИКИСТОН с. 5



# ТОҶИКИСТОН

№ 34 (1698), 26.08.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992




# «РОҒУН» БА МАРҲАЛАИ НАВ ВОРИД МЕШАВАД

Чархаи чорум мушкили барқро дар кишвар ҳал мекунад?




PRESSA .TJ

Хабарҳои Тоҷикистон ва ҷаҳон



pressa.tj


## ДАР ИН ШУМОРА:


**ТЕАТРИ МИЛЛӢ**
Кохи ҳунар дар маркази пойтахт с.8

**ВАРЗИШГОҲИ МИЛЛӢ**
Аз забони рақамҳо с.7

**ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ**
ба Доналд Трамп айвон тухфа кард с.4

**ШАҲЗОДАИ САМАРҚАНДӢ**
адабиёти тоҷикро дар Ғарб муаррифӣ мекунад с.10

**ҲОМИДДИН ШАРИФОВ**
- роҳбаре, ки ба дониш ва хирад такя мекард с.11

**ИҚТИСОД**
Коҳиши кумак ба Тоҷикистон с.5

**ВАРЗИШ**
Ҳарифони «Истиқлол» ва «Регар-ТадАз» маълум шуданд с.15

**КАНЗИ ШИФО**
Доруи ҳушманди зидди саратон с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармухаррир, раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,** Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ, академик

**Мунибҷон ЧАВҲАРӢ,** раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,** муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,** Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,** Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.


## АФЗОИШИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ

**Савдои хориҷии Тоҷикистон дар ҳафт моҳи соли равон ба 7 млрду 943,7 млн доллар расида, дар он Русия ҷойгоҳи хос дорад. Дар ин муддат гардиши мол миёни Тоҷикистону Русия беш аз 1,5 млрд доллар расида, дар муқоиса бо январ - июли соли гузашта қариб 21% зиёд мебошад.**

Ба иттилои Агентии омори Тоҷикистон, дар сохтори савдои хориҷии Тоҷикистон 23%-и воридот ва 5,4% содироти умумии кишвар ба Русия рост меояд.

Русия калонтарин шарики тиҷоратии Тоҷикистон аз миёни кишварҳои узви ИИАО мебошад. Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар моҳҳои январ-июли соли 2026 нисбат ба моҳҳои январ-июли соли 2025 бо мамлакатҳои ИДМ 24,6% ё 619,7 млн доллар зиёд, бо мамлакатҳои хориҷи дур низ 56,9% ё 1743,3 млн доллар зиёд мебошад.

Дар гардиши савдои хориҷӣ ба ҳиссаи мамлакатҳои ИДМ 39,5% ё 3138,4 млн доллар ва ба ҳиссаи мамлакатҳои хориҷи дур 60,5% ё 4804,9 млн доллар рост меояд. Воридоти мол ба ҷумҳурӣ 6160,6 млн долларро ташкил кардааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-июли соли 2025-ум 38,6% ё 1714,7 млн доллар зиёд мебошад.

## 905 000 МЕТРИ МУРАББАЪ МАНЗИЛ ДАР 7 МОҲ

**Дар Тоҷикистон дар моҳҳои январ - июли соли 2026 ҳамагӣ 905 ҳазор метри мураббаъ манзили истиқоматӣ ба истифода дода шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 39,9% зиёд мебошад.**

Ба иттилои Агентии омори Тоҷикистон, бештари ҳаҷми манзили нав дар вилояти Суғд - 313,3 ҳазор метри мураббаъ ё 34,6% аз ҳаҷми умумӣ сохта шудааст.

Дар Душанбе 266,2 ҳазор метри мураббаъ (29,4%), дар вилояти Хатлон 245,7 ҳазор метри мураббаъ (27,1%), дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 72,2 ҳазор метри мураббаъ (8%) ва дар ВМКБ 7,6 ҳазор метри мураббаъ (0,9%) манзили истиқоматӣ ба истифода дода шудааст.

Дар ҳамин давра дар кишвар 10 муассисаи таҳсилоти умумӣ барои 15 ҳазору 190 ҷойи нишаст ва як муассисаи томактабӣ барои 2 ҳазору 252 ҷой мавриди истифода қарор гирифтаанд.

## МАРКАЗИ НАВИ ОМӮЗИШӢ БАРОИ МУҲОҶИРОН

**Дар шаҳри Душанбе боз як Маркази машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ ифтитоҳ шуд.**

Дар ифтитоҳи ин марказ вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Солеҳа Холмаҳмадзода иштирок кард.

Чунин марказҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Хоруғ таъсис ёфта, ба номгӯи ташкилотҳои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат дохил мешаванд.

Иншооти мазкур муассисаи машваратӣ буда, фаъолияташро дар самти ташкилу расонидани машварат, омодасозӣ ва мутобиқшавии муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Тоҷикистон ба роҳ мемонад. Ҳамзамон, дар марказ чиҳати фарогирии шаҳрвандони бекор ва шахсони беихтисос ба омӯзиши касбӣ, курсҳои кӯтоҳмуддати 1-моҳа ва 2-моҳа ташкил ва баргузор карда мешаванд.



*Дар акс: Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода ҳангоми тақдими Ҷоизаи тилоӣ ба Мижгона Шарофова*

## БОНУИ ТОҶИК ДАР КОРЕЯ СОҲИБИ ҶОИЗАИ ТИЛОӢ ШУД

**Мижгона Шарофова, доктори илмҳои тиб дар намоишгоҳи байналмилалии ихтироъкорони зан дар Корея барои ихтирои илмии худ сазовори ҷоизаи тилоӣ гардид.**

Тибки шаҳодатномаи пешниҳодшуда, ки моҳи июли соли равон дар Корея дода шудааст, Ҷоизаи тилоӣ (Gold Prize) ба Мижгона Шарофова барои ихтирои илмии «Истифодаи экстракти Inula rhizocephala Schrenk барои боздоштани афзоиш ва муҳоҷирати ҳуҷайраҳои эндометриоз дар шароити in vitro» тақдим гардид.

Мижгона Шарофова доктори илмҳои тиб буда, ба ҳайси мудири озмоишгоҳи растаниҳои шифобахш ва фарматсевтикаи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Ихтирои пешниҳодшуда натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқи тоҷик дар самти омӯзиши имкониятҳои истифодаи моддаҳои табиӣ барои пешгирӣ ва маҳдуд намудани афзоиши муҳоҷирати ҳуҷайраҳои эндометриоз мебошад.

## САРИ САБЗ



**Толиб КАРИМ,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

**- Сурудҳои попиву эстрадӣ низ сабки иҷро ва душвориҳои худро доранд, вале агар ҳунарпеша ҳангоми иҷрои сурудҳои классикӣ задаро дар ҷояш нагузорад, аз катак берун равад, нолаву кашишҳои тоҷикиву ӯзбекиро дар ҷояш нагузорад, ба мақсад намерасад.**

*- Эҳа, ҳамарӯза шоҳидем, баъзе сарояндаҳои сурудҳои эстрадиямон ҳам бо сӯзу гудоз чунон нола дармекашанд, ки дар доираи ягон катак намегунҷад. Пас, онҳо сарфи назар аз душвориҳо ба мақсадҳояшон расидагистанд.*



**Матлуба ДАДАБОЕВА,**
**Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистону Тоҷикистон**

**- Сурудҳои попиву эстрадӣ низ сабки иҷро ва душвориҳои худро доранд, вале агар ҳунарпеша ҳангоми иҷрои сурудҳои классикӣ задаро дар ҷояш нагузорад, аз катак берун равад, нолаву кашишҳои тоҷикиву ӯзбекиро дар ҷояш нагузорад, ба мақсад намерасад.**

*- Эҳа, ҳамарӯза шоҳидем, баъзе сарояндаҳои сурудҳои эстрадиямон ҳам бо сӯзу гудоз чунон нола дармекашанд, ки дар доираи ягон катак намегунҷад. Пас, онҳо сарфи назар аз душвориҳо ба мақсадҳояшон расидагистанд.*



**Пайрав ШАРИФӢ,**
**коргардони ҷавони тоҷик**

**- Филм набояд тарбия кунад. Он танҳо паҳлуҳои гуногуни ҳаёти қаҳрамонро нишон медиҳад ва инсонро ба тафаккур кардан водор месозад. Дар охир, кароро худи тамошобин мебарорад ва албатта дар бораи ҳаёти қаҳрамон ва ҳодисаҳо хулоса мекунад.**

*- Ҳммм, о, барои ҳамон қарорро баровардани тамошобин филм бояд тарбиятгар бошад ку! Ё барои коргардонҳо муҳим нест, ки тамошобинҳо баъди тамошои филм қарори мусбат мебароранд ё манфӣ?*

# «РОҒУН» БА МАРҲАЛАИ НАВ ВОРИД МЕШАВАД

## Чархаи чорум мушкили барқро дар кишвар ҳал мекунад?

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН, ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУЛОҚОТ БО СОХТМОНЧИЁНИ НЕРӮГОҲИ БАРҚИИ ОБИИ "РОҒУН" ДАСТУР ДОД, КИ АГРЕГАТИ №4-И НЕРӮГОҲ ТО СЕНТЯБРИ СОЛИ 2027 БА ИСТИФОДА ДОДА ШАВАД. Ӯ ҲАМЧУНИН ТАЪКИД КАРД, КИ ТО СЕНТБРИ ИМСОЛ САТҲИ ОБАНБОР БА 1140 МЕТР РАСОНИДА ШАВАД, ТО ТАЪМИНОТИ АҲОЛӢ БО БАРҚ ДАР ДАВРАИ САРМО БЕҲТАР ГАРДАД.**



### 60,3 МЛРД СОМОНӢ

Дар мулоқоти Президенти Тоҷикистон бо сохтмончиёни "Роғун", ки рӯзи 21-уми август баргузор шуд, Сарвари давлат таъкид кард, ки аз соли 2008 то имрӯз барои сохтмону барқарорсозии ин иншоот аз буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳо 60,3 миллиард сомонӣ равона шудааст. Танҳо соли 2025 маблағгузории буҷетӣ 8,1 миллиард сомониро ташкил дода, барои соли 2026 бошад, 11,4 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст. Дар хафт моҳи имсол аллакай 8,4 миллиард сомонӣ аз ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ масраф гардидааст.

### МУҲЛАТ ТО СЕНТЯБРИ СОЛИ 2027

Муҳимтарин супориши мулоқоти ахири Президент ба агрегати рақами 4 дахл дошт. Тибқи маълумоти расмӣ, чархи кории ин агрегат рӯзҳои 29-31-юми июли соли 2026 дар корхонаи пудратчӣ дар Австрия озмоиш шуда, интиқоли он ба Тоҷикистон оғоз гардидааст. Интизор меравад, ки чархи корӣ охири моҳи сентябри имсол ба нерӯгоҳ расад.

Ширкати «Фойт Гидро»-и Австрия бо ҶСК «НБО Роғун» барои лоиҳакашӣ, таҳвил, васлу насб ва ба кор андохтани таҷҳизоти электромеханикӣ ҳамкорӣ дорад. Президенти кишвар супориш дод, ки агрегати 4 моҳи сентябри соли 2027 ба истифода дода шавад.

Ба истифода даромадани иқтидори нав барои Тоҷикистон бисёр муҳим аст, зеро он имкон медиҳад истеҳсоли барқ бештар шавад ва кишварро дар фасли сармо аз мушкили барқ озод намояд.

### БОЛО БАРДОШТАНИ САТҲИ ОБ

Супориши дигари Президент то аввали сентябри соли 2026 ба сатҳи 1140 метр бардоштани оби обанбор аст. Мақсад захира кардани ҳаҷми бештари об барои мавсими тирамоҳу зимистон мебошад. Президенти кишвар таъкид кардааст, ки чунин захира метавонад истеҳсоли нерӯи барқро дар фасли сармо бештар кунад.

Ин масъала низ барои Тоҷикистон муҳим аст. Зеро низоми энергетикии кишвар ба мавсим вобастагии зиёд дорад. Тобистон об фаровон аст, вале дар фасли зимистон ҳам маҷрои дарёҳо кам ва ҳам талаботи мардум ба барқ зиёд мешавад.

Аз ин рӯ, обанбори «Роғун» танҳо барои кори худи нерӯгоҳ нест. Дар оянда имкони танзими беҳтари об метавонад ба фаъолияти силсилаи нерӯгоҳҳои поёноби Вахш, аз ҷумла «Норак» низ таъсир расонад. Ба як нукта бояд таваҷҷуҳ кард: 1140 метр сатҳи оби обанбор аст. Дар ҳамин ҳол, корҳои хобонидани мавод дар худи сарбанд аллакай то нишонаи 1155 метр расидаанд.



### 5,8 МЛРД ДОЛЛАР АЗ КУҶО МЕОЯД?

Масъалаи асосии «Роғун» дар баробари суръати сохтмон ҳамоно маблағгузории боқӣ мемонад. S&P Global Ratings 14-уми августи соли 2026 арзёбӣ кард, ки барои пурра анҷом додани лоиҳа боз тақрибан 5,8 миллиард доллар зарур аст. Оҷонсӣ анҷоми пурраи корҳои вобаста ба тарҳро то соли 2035 пешбинӣ мекунад. Тақрибан нисфи маблағи боқимонда бояд аз ҳисоби созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва қарздиҳандагони дуҷониба ва қисми дигар аз буҷети давлату даромади худи лоиҳа таъмин шавад.

Ин рақам аз арзёбии қаблии S&P камтар аст: моҳи августи соли 2025 сухан аз 6,4 миллиард ва моҳи феврали соли 2026 аз тақрибан 6 миллиард доллар мерафт. Аммо кам шудани маблағи боқимонда ҳатман маънои арзон шудани лоиҳаро надорад. Бо иҷро шудани корҳо қисми хароҷоти пешбинишуда аллакай пардохт мегардад. Ба арзиши ниҳоӣ бошад, таваррум, нархи таҷҳизоту масолеҳ, шароити геологӣ ва талаботи иловагии бехатарӣ таъсир мерасонанд.

### ЧАРО ИСТЕҲСОЛИ БАРҚ КАМ ШУД?

Як рақами дигар низ қобили таваҷҷуҳ аст. Дар нимсолаи аввали соли 2026 ду агрегати амалкунандаи «Роғун» 675 миллион кВт/соат нерӯ истеҳсол кардаанд. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 161 миллион кВт/соат камтар мебошад. Ин маълумотро Вазорати энергетика ва захираҳои об низ тасдиқ кардааст.

Ин нишон медиҳад, ки то пурра шудани обанбор ва ба истифода даромадани иқтидорҳои нав, имконоти нерӯгоҳ ҳанӯз маҳдуд аст. «Роғун»-и имрӯзаро бо «Роғун»-и пас аз анҷоми сохтмон муқоиса кардан дуруст нест.

Бонки ҷаҳонӣ ҳисоб мекунад, ки нерӯгоҳ дар шакли пурраи худ метавонад солона тақрибан 14,4 миллиард кВт/соат нерӯи барқи баркароршаванда истеҳсол кунад. Ин ба тақрибан 60 дарсади ҳаҷми кунунии истеҳсоли солонаи барқи Тоҷикистон баробар аст. Ба арзёбии ин ниҳод, нерӯгоҳ метавонад камбуди мавсимии барқро коҳиш дода, ҳамзамон имкони содироти нерӯ ба Қазоқистон ва Ӯзбекистонро зиёд кунад.

### СОЛИ ҲАЛКУНАНДА

Президенти кишвар дар мулоқоти хеш бо бунёдкорони "Роғун" зикр кард, ки ҳоло дар иншоот зиёда аз 20 ҳазор нафар коргару кормандии муҳандисиву техникӣ фаъолият дошта, тақрибан 4 ҳазор мошину механизм истифода мешавад. Ҳамчунин, Сарвари давлат супориш дод, ки корҳо бо сифати баланд анҷом дода шаванд.

Бо назардошти ҳамаи ин омилҳо, сентябри соли 2027 барои «Роғун» як марҳилаи калидӣ хоҳад буд. Агар агрегати №4 дар муҳлати муайяншуда ба кор дарояд, лоиҳа аз сохтмони тӯлонӣ ба марҳалаи нави афзоиши пайдарпайи иқтидор ворид мешавад.

**Д. ҚОДИРПУР**

# НЕРӮГОҲИ БАРҚИ ОФТОБИИ НОҲИЯИ АШТ БА КОР ОҒОЗ КАРД

**Нерӯгоҳи барқи офтобии ноҳияи Ашт ба истеҳсоли нерӯи барқ оғоз карда, аввалин киловатт-соатҳои нерӯи барқи истеҳсолкардаашро ба шабакаи барқии кишвар интиқол додааст.**

Дар ин бора Вазорати энергетика ва захираҳои оби кишвар рӯзи 21-уми август хабар дода, гуфтааст, ки ҳоло марҳалаи аввали ин нерӯгоҳ ба кор оғоз карда, тайи соли равон марҳалаҳои дигари он низ мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд.

Корҳои сохтмонии нерӯгоҳи офтобии ноҳияи Ашт моҳи ноябри соли 2025 оғоз шуда буд ва бояд он бо иқтидори 250 МВт бунёд шавад. Пас аз пурра ба кор оғоз карданаш, ба иттилои расмӣ, истеҳсоли миёнаи солонаи нерӯи барқаш 435 млн кВт/соат хоҳад буд.

"Маврид ба зикр аст, ки иншооти мазкур аз ҷониби сармоягузори ватанӣ - ҶДММ "Аён Энерҷӣ" ва паймонкор - ҶСК "Тоҷикгидроэлектромонтаж" бунёд шуда истодааст",- гуфтааст Вазорати энерҷӣ.

# СОҲИБКОР БА 7 КАС ХОНА ТУҲФА КАРД

**Манучеҳр Каримзода, соҳибкоре аз ноҳияи Файзобод ба 7 кас, аз ҷумла 4 ятими кул, ду камбизоат ва як варзишгар хонаҳои дуҳуҷрадор туҳфа кардааст.**

Дар ин бора дафтари матбуоти Президент хабар дода, гуфтааст, ки хонаҳо дар чорабиниҳои сафари Эмомалӣ Раҳмон, раисҷумҳури Тоҷикистон ба Файзобод тақдим шуданд.

Ба қавли манбаъ, 4 ятимро хонаводаи Бобо Каримзода ба фарзандӣ қабул кардаанд ва меҳоҳанд онҳоро бо ҷойи истиқомат таъмин намуда, шароити таҳсилу касбомӯзиро фароҳам оранд ва хонадорашон кунанд.

"Ин иқдоми хайрхоҳона намунаи саҳми соҳибкорони ватанӣ дар дастгирии қишрҳои ниёзманди ҷомеа ва таҳкими фазои ҳамдигарфаҳмиву ғамхорӣ ба шаҳрвандон арзёбӣ мегардад",-навиштааст дафтари матбуоти Сарвари давлат.

# АЙВОНИ МИРЗИЁЕВ БА ДОНАЛД ТРАМП



**ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ БА ПРЕЗИДЕНТИ ИМА ДОНАЛД ТРАМП ДУ АЙВОНИ КАНДАКОРИШУДА ТУҲФА КАРДААСТ. ҚАРОР АСТ ИН АЙВОНҲО ДАР БОҒИ "WEST POTOMAC PARK"-И ШАҲРИ ВАШИНГТОН НАСБ ШАВАНД.**

Ба иттилои расонаҳо, айвонҳо аз Тошканд ба Вашингтон интиқол дода шудаанд. Онҳо бо кандакориҳои мураккаби чӯбӣ оро ёфта, намунаи ҳунари меъморӣ ва ҳунарҳои суннатии Осиёи Марказиро муаррифӣ мекунанд.

Кэти Мартин, мудири робита бо ҷомеаи Вазорати корҳои дохилии ИМА гуфтааст, ки туҳфаи Шавкат Мирзиёевро Доналд Трамп аз номи мардуми Амрико қабул намудааст. Ба гуфтаи ӯ, меҳмонони боғи West Potomac имкон хоҳанд дошт, ки тирамоҳи имсол ин ҳадяҳоро тамошо кунанд.

Сафири Ӯзбекистон дар ИМА Фурқат Сиддиқов низ гуфтааст, ки ин ду айвон бояд ба "рамзи дӯстӣ ва шарикии стратегии Ӯзбекистон ва Иёлоти Муттаҳида" табдил ёбанд.

Қарор аст дар боғи West Potomac бо ташаббуси Доналд Трамп "Боғи миллии қаҳрамонони Амрико" бунёд шавад ва айвонҳои туҳфакардаи ҷониби Ӯзбекистон низ дар ҳамин минтақа ҷойгир карда шаванд.

Ин туҳфа дар пасманзари густариши муносибатҳои иктисодию сиёсии Тошканд ва Вашингтон сурат мегирад. Моҳи июни соли 2026 ду кишвар музокиротро барои бастани созишномаи нави тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ суръат бахшиданд.

Қаблан, моҳи ноябри соли 2025, зимни сафари Шавкат Мирзиёев ба Вашингтон миёни Ӯзбекистон ва ИМА як қатор созишномаҳо ба имзо расида буданд. Доналд Трамп он замон гуфта буд, ки дар се соли оянда ҳаҷми сармоягузорӣ ва хариди молу маҳсулоти амрикоӣ аз ҷониби Ӯзбекистон метавонад ба қариб 35 миллиард доллар ва дар даҳ соли баъдӣ ба беш аз 100 миллиард доллар бирасад.

Ҳамчунин, моҳи сентябри соли 2025 Ӯзбекистон барои харидани 22 ҳавопаймои "Boeing 787 Dreamliner" қарордод баста буд. Ин созиш низ аз ҷониби президенти ИМА ҳамчун нишонаи густариши ҳамкориҳои иктисодии ду кишвар арзёбӣ шуда буд.



# ТАЛАБИ 50 КИШВАР АЗ РУСИЯ

**БЕШ АЗ 50 КИШВАРИ УЗВИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД АЗ РУСИЯ ДАЪВАТ КАРДААНД, КИ БА ҚАТЪИ ПУРРА, ФАВРӢ ВА БЕЧУНУЧАРОИ ҶАНГ ДАР УКРАИНА РОЗӢ ШУДА, МУЗОКИРОТИ СУЛҲРО АЗ САР ГИРАД.**

Изҳороти муштарак рӯзи 24-уми август дар ҷаласаи Шурои амнияти СММ дар шаҳри Ню-Йорк ба муносибати 35-солагии истиқлоли Украина садо дод. Вазири корҳои хориҷии Дания Люкке Расмуссен изҳоротро қироат кард.

Дар санад таъкид шудааст, ки ҷанг боиси ранҷу азоби зиёди инсонҳо гардида, бояд харҷи зудтар хотима дода шавад. Муаллифони изҳорот ҳамчунин ёдовар шудаанд, ки Украина қаблан ба қатъи ҷанг бидуни пешшарт розӣ шуда буд. Иёлоти Муттаҳида ба изҳороти муштарак ҳамроҳ нашуд, вале аз даъват барои қатъи фаврии амалиёти ҷангӣ ва азсаргирии музокирот пуштибонӣ кард.

Намояндаи ИМА дар Шурои амнияти Дан Негреа аз Русия ва Украина хост, ки ҳамлаҳо ба манзилҳои аҳолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва киштиҳоро қатъ кунанд. Ӯ гуфт, ки Вашингтон омода аст дар раванди сулҳ нақши миёнҷиро иҷро кунад.

Намояндаи Русия дар СММ Василий Небензя ин даъватҳоро рад карда, гуфт, то замоне ки бо Русия бо лаҳни таҳдид суҳбат мекунанд ва вокеиятҳо нодида гирифта мешаванд, мулоамаи пурмазмуни сиёсӣ ва дипломатӣ имконнопазир аст. Ӯ ҳамчунин талошҳо барои «ях бастани» низоъро нокомшаванда номид.

Намояндаи Украина Андрей Мелник бошад, изҳор дошт, ки Русия дар ҷанге, ки оғоз кардааст, мағлуб хоҳад шуд. Ӯ аз кишварҳои шарик хост, ки Украинаро бо низоми дифои ҳавоии «Патриот» таъмин кунанд.

Русия ҳамчун узви доимии Шурои амнияти СММ аз ҳаққи вето бархӯрдор аст.

# АМРИКО ВИЗАИ МУҲОҶИРАТРО БОЗДОШТ

**ҲУКУМАТИ ПРЕЗИДЕНТ ДОНАЛД ТРАМП БАРРАСИИ ВИЗАҲОИ МУҲОҶИРАТРО БОЗДОШТ. МАНЗУР РАВОДИДҲОИ КӮЧИДАН БА АМРИКО БО ДАЪВАТИ ХЕШУ ТАБОРИ НАЗДИК АСТ. АЗ ОН БЕШТАР КАСОНЕ ИСТИФОДА МЕКАРДАНД, КИ СОЛҲОИ ОХИР ДАР ИЁЛОТИ МУТТАҲИДА РАСМАН МУҚИМ ШУДААНД.**




Сухангӯи Департаменти давлатии ИМА гуфт, додани чунин визаҳо замоне аз сар гирифта мешавад, ки ҳамаи кормандони консулгариҳои ин кишвар давраҳои махсуси омӯзишро сипарӣ кунанд. Аммо мухлати ин омӯзишҳо эълон нашудааст.

Гуфта шуд, ки ҳадаф аз омӯзишҳо шеваҳои таҳқиқи ҳар дархости кӯч ба Амрико аст. Ҳукумати Доналд Трамп мехоҳад дар мавриди ҳар хостори муҳоҷират маълумоти кофӣ ва ҳамаҷониба дарёфт кунад ва ба натиҷае расад, ки дархостдиҳанда дар оянда ба ҳимояти молии ҳукумат муҳтоҷ намешавад.

Доналд Трамп мегӯяд, ки ин чораҳо ба тақвияти амнияти дохилӣ равона шудаанд.

Пештар рӯзномаи Financial Times хабар дод, ки дархостдиҳандаҳое, ки кайҳо даъватномаи мусоҳиба гирифта буданд, аз таъхир ёфтани онҳо огоҳинома гирифтаанд. Барояшон гуфта шудааст, ки санаи нави мусоҳиба дертар муайян хоҳад шуд.

Ҳафтаи равон Департаменти давлатӣ гуфт, ки раводиди 200 000 шаҳрванди хориҷиро бекор мекунад, зеро онҳо бо визаҳои ҷаҳонгардӣ ё тиҷорат вориди Иёлоти Муттаҳида шуда, сипас дархости паноҳандагӣ кардаанд.

Бино ба хабари "Рейтерс", Трамп маъракаи шадиди ихроҷро пеш мебарад ва сиёсати муҳоҷиратро сахттар мекунад. Аз ҷумла, кортҳои сабзи муҳоҷират ё дархости раводид бо сабабҳои гуногун, монанди бовариҳои сиёсӣ ва тарафдорӣ аз Фаластин, ҷиноятҳои гуногун бекор карда мешаванд. Доналд Трамп иддао дорад, ки ин чораҳо ба тақвияти амнияти дохилӣ равона шудаанд.

Додгоҳи Амрико рӯзи 22-юми август қарори Департаменти давлатиро барои қатъи додани раводиди муҳоҷирати шаҳрвандони 75 кишвар бекор кард ва онро ғайриқонунӣ донист. Додрас ҳадамоти консулиро берун аз салоҳияти Департаменти давлатӣ номид ва котиби он Марко Рубиоро барои гузаштан аз ҳадди ваколатҳояш сарзаниш кард.

# БОЗДОШТИ ПРЕЗИДЕНТИ СОБИҚ БО ПИСАРАШ

**РОБЕРТ КОЧАРЯН, ПРЕЗИДЕНТИ СОБИҚИ АРМАНИСТОНРО ҲАМРОҲИ ПИСАРАШ БА КУМИТАИ ЗИДДИ КОРРУПСИЯ ДАР ИН КИШВАР БУРДААНД.**



Кочарян ҳамзамон раҳбари эътилофи мухолифон бо номи "Арманистон" аст. Писараш - Левон Кочарян вакили Маҷлиси миллии Арманистон мебошад.

Бахши армании Радиои Озодӣ рӯзи 25-уми август навишт, ки пеш аз ин маъмурони зидди фасод хонаи Кочарян ва писарашро кофтукоб кардаанд.

Дар Кумитаи зидди фасод дар Арманистон гуфтаанд, бозҷӯиҳо дар манзили даҳҳо нафари дигар ҳам ҷараён доранд. Дар ниҳоят ин кумита аз боздошти шаш нафар, бо шумули Роберт ва Левон Кочарян хабар дод.

Левон Кочарян рӯзи 24-уми август дар як мубоҳисаи парлумонӣ нахуствазир Никол Пашинянро "хоин" номид. Сомонаи News.am навишт, ки дар ҷавоб Пашинян пурсидааст, оилаи Кочарян аз кадом ҳисоб "чунин сарватманд аст"?

Моҳи июн Кумитаи марказии интихобот дар Арманистон розӣ шуд, ки Левон Кочарян мавриди пайгард қарор гирад. Ӯро ба сӯиистифода аз мақом ва пулшӯӣ айбдор мекунанд. Пеш аз ин, ба ӯ иҷоза надоданд, ки аз кишвар берун шавад. Левон Кочарян гуфт, ки мехост ба Русия равад. Дар интихоботи ахири парлумонии Арманистон эътилофи "Арманистон" ва нерӯҳои дигари рӯ ба Русия мағлуб ва тарафдорони Никол Пашинян дастболо шуданд. Мухолифон ҳукуматро ба фишороварӣ айбдор карда, гуфтанд, ки интихобот озод набуд.

# ЗАХИРАИ РЕКОРДИИ ТИЛОВУ АСЪОРИ ТОҶИКИСТОН



**БА САТҲИ РЕКОРДИИ 6,8 МИЛЛИАРД ДОЛЛАР РАСИДАНИ ЗАХИРАҲОИ ТИЛОВУ АСЪОРИ ТОҶИКИСТОН АЗ МУҲИМТАРИН НИШОНДИҲАНДАҲОИ МУСБАТИ ИҚТИСОДИИ СОЛҲОИ ОХИР АСТ. МУВОФИҚИ АРЗЁБИИ “S&P GLOBAL RATINGS”, ЗАХИРАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ КИШВАР, КИ ДАР ОХИРИ СОЛИ 2024 ҲАМАГӢ 4,4 МИЛЛИАРД ДОЛЛАР БУДАНД, ДАР ОХИРИ СОЛИ 2025 БА 6,4 МИЛЛИАРД ВА ТО МОҲИ МАЙИ СОЛИ 2026 БА 6,8 МИЛЛИАРД ДОЛЛАР РАСИДААНД.**

Ин захираҳо барои Тоҷикистон, ки қисми зиёди молу маҳсулот, аз ҷумла сӯзишворӣ, техника, доруворӣ ва баъзе навъҳои маҳсулоти ғизоиро аз хориҷ ворид мекунад, як навъ “болишти амниятии иқтисодӣ” мебошанд. Ба ҳисобҳои S&P, маблағи ҷамъшуда метавонад хароҷоти ҳудуди ҳаштуним моҳи пардохтҳои хориҷии кишварро рӯйпӯш кунад.

Захираи зиёд ҳамчунин ба Бонки миллӣ имконият медиҳад, ки ҳангоми фишор ба қурби сомонӣ ба бозори асъор дахолат намояд ва аз тағйироти шадиди қурб пешгирӣ кунад. Барои кишваре, ки иқтисодаш ба омилҳои беруна хеле ҳассос аст, ин имконият аҳаммияти махсус дорад.

Шояд бисёриҳо суол диханд, ки ин 6,8 миллиард доллар аз куҷо пайдо шуд?

Яке аз манбаъҳои асосӣ интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Ба арзёбии S&P, соли 2025 ҳаҷми воридоти маблағҳо 48 дарсад афзуда, ба сатҳи фавқулода баланд расидааст. Зиёда аз 90 дарсади ин маблағ аз кишварҳои ИДМ, пеш аз ҳама Русия ворид мешавад. Омили дуюм тило аст. Бонки миллӣ аз истеҳсолкунандагони дохилӣ тило мехарад ва болоравии нархи ҷаҳонии он арзиши дороиҳои кишварро бештар кардааст.

# КОҲИШИ КУМАК БА ТОҶИКИСТОН

**ДАР ҲАФТ МОҲИ СОЛИ 2026 ТОҶИКИСТОН АЗ 34 КИШВАРИ ҶАҲОН БА МАБЛАҒИ 17,96 МИЛЛИОН ДОЛЛАР КУМАКИ БАШАРДӮСТОНА ДАРЁФТ КАРДААСТ. ИН НИШОНДИҲАНДА НИСБАТ БА ҲАМИН ДАВРАИ СОЛИ ГУЗАШТА 38 ДАРСАД КАМ МЕБОШАД. ДАР ИН БОРА АГЕНТИИ ОМОРИ ТОҶИКИСТОН БО ИСТИНОД БА МАЪЛУМОТИ РАСМИИ ХАДАМОТИ ГУМРУК ИТТИЛОЪ МЕДИҲАД.**

Тибқи маълумоти оморӣ, вазни умумии кумакҳои башардӯстона дар моҳҳои январ-июли соли ҷорӣ 6195,5 тоннаро ташкил додааст. Дар ҳамин давраи соли 2025 кишвар аз 36 давлат 28,96 миллион доллар ва 10 ҳазору 264 тонна кумаки башардӯстона гирифта буд.

Ҳамин тариқ, дар як сол арзиши кумакҳои башардӯстона ба Тоҷикистон тақрибан 11 миллион доллар ё 38 дарсад коҳиш ёфтааст. Ҳаҷми он аз рӯйи вазн низ 4068,5 тонна ё 39,6 дарсад кам шудааст. Шумораи кишварҳои мададрасон бошад, ду давлат кам гардидааст.

Дар ҳафт моҳи соли 2026 Русия бузургтарин кишвари мададрасони Тоҷикистон аз рӯйи арзиши кумакҳои башардӯстона будааст. Ҳаҷми кумаки Русия 4,2 миллион доллар ё 23,5 дарсади ҳаҷми умумиро ташкил медиҳад.

Дар ҷойи дуюм Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо 19,3 дарсад қарор дошта, саҳми Чин 11,4 дарсадро ташкил медиҳад. Баъдан Кореяи Ҷанубӣ бо 9,1 дарсад, Ҳоланд - 7,7 дарсад, Белгия - 7,2 дарсад, Ҳиндустон - 6,6 дарсад, Эрон - 3,5 дарсад, Ҷопон - 2,2 дарсад ва Олмон - 1,4 дарсад қарор доранд.




Ҳамчунин Тоҷикистон аз Туркия, Дания, Беларус, Аморати Муттаҳидаи Араб, Италия, Британияи Кабир, Ӯзбекистон, Австралия, Қазоқистон ва як қатор кишварҳои дигар низ кумаки башардӯстона гирифтааст. Муқоисаи нишондиҳандаҳо нишон медиҳад, ки сохтори кишварҳои мададрасон дар як сол тағйир ёфтааст. Дар моҳҳои январ-июли соли 2025 Чин аз рӯйи арзиши кумакҳои расонидашуда дар ҷойи аввал қарор дошт ва ҳиссаи он 37,2 дарсадро ташкил медод

# БЕШ АЗ ҲАЗОР НУҚТАИ НЕРӮДИҲИИ МОШИНҲОИ БАРҚӢ

**ДАР ТОҶИКИСТОН ТАЙИ СЕ СОЛИ ОЯНДА ШАБАКАИ НУҚТАҲОИ НЕРӮДИҲӢ БАРОИ МОШИНҲОИ БАРҚӢ БА ТАВРИ НАЗАРРАС ГУСТАРИШ МЕЁБАД. ТИБҚИ МАРҲАЛАИ ДУВУМИ НАҚШАИ «БАРНОМАИ РУШДИ НАҚЛИЁТИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ СОЛҲОИ 2023-2028», СОЛҲОИ 2026-2028 ДАР САРОСАРИ КИШВАР 1 ҲАЗОРУ 100 НУҚТАИ НАВИ НЕРӮДИҲӢ СОХТА МЕШАВАД.**



Ба иттилои Вазорати нақлиёт, ҷойи насби ин дастгоҳҳо аллакай муайян шудааст. Аз ҳама бештар нуқтаҳои нерӯдиҳӣ дар Душанбе бунёд мешаванд - 555 адад. Дар вилояти Суғд ва Хатлон ҳар кадом 200 нуқта, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 110 ва дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 35 нуқта пешбинӣ шудааст.

Барои ташкили чунин зерсохтор ҳудуди 167 миллион сомонӣ ҷудо мегардад. Ҳамзамон, то соли 2028 харидорӣ ва ба истифода додани 210 автобус, ҳар сол 70 адад, ба нақша гирифта шудааст. Барои ин самт 714 миллиону 280 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳоло дар Душанбе 60 автобуси барқии ширкати «AKIA ULTRA» фаъолият мекунанд.

Арзиши умумии марҳалаи дувуми рушди нақлиёти барқӣ 888 миллиону 48 ҳазор сомонӣ, ё тақрибан 95 миллион долларро ташкил медиҳад. Қисми асосии маблағ, яъне беш аз 782 миллион сомонӣ бояд аз ҳисоби бахши хусусӣ ҷалб гардад. Ҳамчунин, ҷалби наздики 106 миллион сомонӣ аз шарикони рушд дар назар аст.

Барнома танҳо ба афзоиши шумораи мошинҳои барқӣ маҳдуд намешавад. Дар доираи он таъсиси 10 нуқтаи нави хидматрасонии махсус, инчунин ташкили низоми ҷамъоварӣ, коркард ва истифодаи дубораи батареяҳои фарсуда пешбинӣ шудааст.

## ТАЪСИСИ ҶОЙҲОИ НАВИ КОРӢ

**Агентии омор эълон кард, ки аз моҳи январ то июни соли 2026 дар Тоҷикистон 117 ҳазору 362 ҷойи нави корӣ ташкил шудааст.**

Аз ҷумла, ба гуфтаи ин ниҳод:

*- 38 ҳазору 29 ҷой (32,4%) аз ҷониби ташкилоту корхонаҳо;*

*- 79 ҳазору 333 ҷой (67,6%) аз тарафи соҳибкорону соҳибкорон таъсис ёфтаанд.*

Ба гуфтаи манбаъ, теъдоди бештари ҷойҳои нави корие, ки аз сӯйи ташкилоту корхонаҳо ташкил шудаанд, ба ин соҳаҳо рост омадааст:

*- Сохтмон - 9,431 ҷой;*
*- Маориф - 7,525 ҷой;*
*- Истеҳсолот - 6,501 ҷой;*
*- Тиҷорат - 3,482 ҷой;*
*- Истихроҷи маъдан - 2,579 ҷой.*

Ҳамчунин, соҳибкорону сокинон дар бахшҳои зерин бештар ҷойи кор таъсис додаанд:

*- Кишоварзӣ - 34,027 ҷой;*
*- Сохтмон - 20,460 ҷой;*
*- Тиҷорат - 11,845 ҷой.*

## ДАР МУЪМИНОБОД ФУРУДГОҲ БУНЁД МЕШАВАД

**Дар ноҳияи Муъминобод сохтмони фурудгоҳи хатсайрҳои маҳаллӣ оғоз гардид. Рӯзи 22-юми август барои бунёди он санги асос гузошта шуд.**

Барои сохтмони фурудгоҳ 23 гектар замин ҷудо шуда, тибқи лоиҳа, дар ин ҳудуд бинои маъмурӣ, толори интизории мусофирон, иншооти хизматрасонӣ ва дигар иншооти техникии зарурӣ бунёд мешаванд.

Ҳамчунин, баркарорсозӣ ва навсозии хати парвоз нишаст, роҳҳои ҳаракати ҳавопаймоҳо ва майдони тавaққуфи онҳо пешбинӣ шудааст. Дар фурудгоҳ таҷҳизоти муосири таъмини парвоз ва алоқаи ҳавоӣ низ насб хоҳад шуд. Маблағгузории сохтмони фурудгоҳ аз ҳисоби соҳибкорони ватанӣ, буҷети маҳаллӣ ва дигар манбаъҳо анҷом дода мешавад.

PRESSA.TJ

Порча аз китоби Шариф ҲАМДАМПУР:

# ПРЕЗИДЕНТ: АЗ ХУСДЕҲ ТО СИНГАПУР



# ХУСДЕҲ

## сафаре, ки роҳи ҷангро баст

**(Идома аз шумораи гузашта)**

Баъд назди миз баргашт ва ба Абдуллоҳи Нурӣ нигариста, пурсид:

– Домулло... Боз чӣ пешниҳод доред?

Абдуллоҳи Нурӣ ба сухан даромад. Як пешниҳод, баъд пешниҳоди дигар, боз пешниҳод. Баъзеашонро бо далел шарҳ медод. Баъзеи дигарро танҳо ҳамчун хоҳиши ҷониби худ баён менамуд.

Президент то охир сухани ӯро гӯш кард. Боре ҳам набурид. Вориди бахс ҳам нашуд. Танҳо гоҳ-гоҳ ёддоште рӯи варақ сабт мекард.

Вақте Абдуллоҳи Нурӣ суханашро ба анҷом расонд, дар утоқ хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Президент бе саросемагӣ варақҳоро бори дигар аз назар гузаронд. Гӯё ҳар пешниҳодро дар тарозуи мантиқ бармекашид. Сипас сар боло кард. Дар чеҳрааш нишонаи пирӯзиву мағлубият дида намешуд. Бо оромии ҳамешагӣ гуфт:

- Пешниҳодҳоятонро шунидам. Бисёре аз онҳо қобили қабуланд.

Ӯ ба варақҳои рӯи миз ишора намуда, гуфт:

– Биёед, инҳоро ҳамчун асос қабул кунем. Ҳайатҳо такмил медиҳанд.

Абдуллоҳи Нурӣ лаҳзае ба Президент нигарист.

Гӯё мунтазири баҳси дигар буд. Аммо ин дафъа баҳсе сар назад. Зеро тарафҳо дарк карданд, ки суханони лозимӣ гуфтаву шунида шуданд.

Вақте дари утоқи музокирот боз шуд, дар толор хомӯшӣ ҳукмфармо гашт. Ҳама аз ҷой хестанд. Нигоҳҳо ба Президент ва Абдуллоҳи Нурӣ дӯхта шуданд. Ҳар кас мехост аз чеҳраҳои онҳо бифаҳмад, ки пушти дари баста ба чӣ қарор омаданд.

Президент ба назди миз қадам зад. Лаҳзае ба ҳозирон нигариста, ором, вале бо итминон гуфт:

– Мо ба хулосаи мушаххас расидем. Акнун ҳуҷҷатҳоро омода кунед!

Ҳамагӣ як ҷумла буд. Аммо барои онҳое, ки соатҳо интизори натиҷаи мулоқот буданд, ин ҷумла аз даҳҳо суханрониҳои умумӣ арзишмандтар буд. Он маънии дар роҳи сулҳ қадами устувор гузошта шуданро дошт.

Он шаб дар қароргоҳ касе то дергоҳ мижа таҳ накард.

Дар ҳуҷраҳои корӣ чароғҳо то субҳ фурӯзон монданд. Гурӯҳҳои кории ҳар ду ҷониб дар ҳузури намояндагони Созмони Милали Муттаҳид ҳар банди санадҳоро бодиққат баррасӣ менамуд. Ҳар ҷумла чандин бор хонда, ҳар калима бо эҳтиёт интихоб мешуд.

Онҳо медонистанд, ки баъзан сарнавишти сулҳ аз як ибора ё ҳатто аз як калима вобаста аст.

### СЕ САНАДИ САРНАВИШТСОЗ

То субҳ матни санадҳои муҳим омода гардид. Аз ҷумла, протоколҳо оид ба минтақаҳои доғ, натиҷаҳои мулоқоти Хусдеҳ ва лоиҳаи қарор дар бораи идомаи музокироти байни тоҷикон дар Маскав, ки баргузории он ба 19 декабри соли 1996 пешбинӣ шуда буд.

Шоми Хусдеҳ бо имзои ҳуҷҷатҳо ба поён нарасид. Он шаб пояҳои эътимоде гузошта шуданд, ки баъдтар ба Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ роҳ кушод.

Дар Протокол оид ба минтақаҳои доғ ҷонибҳо на танҳо дар бораи сулҳ сухан гуфтанд, балки тартиби пешгирии бархӯрдҳои мусаллаҳонаро низ муайян карданд. Тибқи созиш, қаламрави ҷанубии ағбаи Қаранак таҳти назорати Ҳукумати Тоҷикистон мемонд, қисми шимолӣ дар самти Тавилдара бошад, таҳти назорати нерӯҳои мухолифин қарор мегирифт. Ин танҳо тақсими минтақаҳои назорат набуд. Он аввалин иқдоми мушаххас барои коҳиш додани эҳтимоли даргириҳои нав ва эҷоди фазои эътимод миёни тарафҳо ба ҳисоб мерафт.

Созишномаи дигар низ аҳаммияти камтар надошт. Ҷонибҳо мувофиқа карданд, ки намояндагони мухолифин метавонанд бидуни силоҳ ва либоси низомӣ ба маҳалҳои зисти худ рафта, бо аҳолӣ мулоқот намоянд. Дар иваз, мухолифин ӯҳдадор шуданд, ки ба фаъолияти мақомоти давлатӣ халал нарасонанд. Ин созиш аввалин қадами амалӣ ба сӯи гузаштан аз муқовимати мусаллаҳона ба рақобати сиёсӣ буд.

Маҳз дар ҳамин ҷо барои нахустин бор шакл, ҳайат ва салоҳияти Комиссияи оштии миллӣ муайян гардид. Қарор шуд, ки ба ҳайати он намояндагони ҳар ду ҷониб бо шумораи баробар 13-нафарӣ дохил шаванд ва қарорҳои он танҳо баъд аз тасдиқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори ҳуқуқӣ пайдо кунанд.

Дар он шаб шояд касе ҳанӯз тасаввур намекард, ки маҳз ҳамин ниҳод баъдтар ба яке аз сутунҳои асосии татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ табдил хоҳад ёфт.

Тухми он дар Хусдеҳ кошта шуд.

Шоми 11 ноябр таҳияи ниҳоии санадҳо анҷом ёфт.

Вақте санадҳо ба имзо расиданд, дар толор сукуте ҳукмфармо шуд. Гӯё ҳар кас эҳсос мекард шоҳиди рӯйдоде шудааст, ки аҳаммияти воқеии онро танҳо солҳо баъд таърих муайян хоҳад намуд.

Ин дам Бурҳониддин Раббонӣ аз ҷой боло гашт. Дар овозаш на танҳо эҳсоси як мизбон, балки таҷрибаи талхи роҳбаре шунида мешуд, ки кишвараш дар гирдоби ҷанг ғӯтта хӯрдааст.

Ӯ оромона гуфт:

– Дар Ватани шумо бӯи сулҳ эҳсос мешавад. Кӯшиш кунед, ки ин имкониятро аз даст надиҳед. Мо дар Афғонистон чунин фурсатро аз даст додем. Шумо онро ҳифз кунед.

Ин суханон аз забони роҳбари кишваре берун меомад, ки қариб сӣ сол дар оташи ҷанг месӯхт. Онҳо ҳушдори таърих буданд.

### БОЗГАШТ

Шоми он рӯз Президент ба Душанбе баргашт. Роҳи бозгашт дигар он изтиробу ноороми роҳи рафтанро надошт. Гӯё кӯҳҳои миёни Хусдеҳу Душанбе низ сабуктар нафас мекашиданд. Аммо оромии роҳ ҳанӯз маънои анҷоми роҳи сулҳро надошт.

Дар Хусдеҳ умеде ба вуҷуд омада, эътимоде эҳё гардида ва қадами сарнавиштсоз ба сӯи сулҳ гузошта шуда буд. Акнун ҳамаи он бояд дар Душанбе ба воқеият табдил меёфт.

Президент хуб дарк мекард, ки мулоқоти Хусдеҳ танҳо дар сурате арзиш хоҳад дошт, ки қарорҳои он ба амал татбиқ шаванд. Пешорӯи ӯ марҳилаи аз ин ҳам душвортар меистод: боварӣ кунониданӣ атрофиён, омода сохтани сохторҳои давлатӣ ва фароҳам овардани замина барои идомаи музокироте, ки метавонист ҷанги шаҳрвандиро ба поён расонад.

Даме ки чархбол дар фурудгоҳи Душанбе ба замин нишаст, ҳамсафарон пас аз хайрухуш ҳар кадом роҳи хонаҳояшонро пеш гирифтанд. Аммо барои Президент рӯзи корӣ ҳанӯз ба анҷом нарасида буд. Ӯро дафтари кор ва қарорҳое интизор буданд, ки метавонистанд ба асноди Хусдеҳ равони тоза бахшанд.

Он шаб дар утоқҳои кории Президент чароғҳо то саҳар фурӯзон монданд. Гурӯҳи ҳуқуқшиносон ва ҳайати музокирот матни фармонеро омода мекарданд, ки бояд созишҳои дар Хусдеҳ бадастомадаро расман тасдиқ менамуд. Ҳар ҷумла бо эҳтиёт баррасӣ мешуд, зеро акнун ҳар калима метавонист ба тақдири сулҳ таъсир расонад.

Пас аз мутолиаи матн Президент фармонро ба имзо расонд.

Бо ҳамин, мувофиқаҳое, ки чанд соат пеш танҳо дар мизи музокирот вуҷуд доштанд, нерӯи ҳуқуқӣ пайдо карданд. Созишномаҳои Хусдеҳ ба иқдоми амалӣ табдил ёфтанд.

Таърихи 11 ноябри соли 1996, соати 23:30 фармон аз тариқи телевизиони давлатӣ қироат ва ба мардум расонида шуд. Миллионҳо нафар онро мешуниданд. Барои бисёриҳо ин танҳо хабари расмӣ набуд. Паёме буд, ки созишномаҳои Хусдеҳ аз доираи музокирот берун омада, ба ҳаёти воқеии кишвар роҳ меёфтанд.

Тибқи фармон аз соати дувоздаҳи шаб дар тамоми қаламрави Тоҷикистон оташбас эълон гардид.

Президент ҳамзамон медонист, ки сулҳ бе эътимод ба вуҷуд намеояд. Агар ҷонибҳо ба ҳамдигар бовар накунанд, ҳеҷ созишномае боиси қатъ гаштани ҷанг шуда наметавонад.

### МУХОЛИФАТ ТАНҲО БО МУХОЛИФИН НАБУД

Субҳи 12 ноябри соли 1996 Душанбе бори аввал бе садои тир аз хоб бедор шуд. Аммо дар толори маҷлисгоҳи Шурои Олӣ фазои дигар ҳукмфармо буд.

**(Давомаш дар саҳ. 13)**





# МУЛОҚОТИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО САФИРИ ҲИНДУСТОН

**20-УМИ АВГУСТИ СОЛИ 2026 РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ФИРДАВС ТОЛИБЗОДА БО САФИРИ ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН ДАР ТОҶИКИСТОН ҶАНОБИ РАҶЕШ УИКЕ МУЛОҚОТ НАМУД. ЗИМНИ МУЛОҚОТ ҶОНИБҲО МАСЪАЛАҲОИ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ҲИНДУСТОН ДАР БАХШИ БОНКӢ, АЗ ҶУМЛА РУШДИ НИЗОМҲОИ ПАРДОХТ, ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВИИ РАҚАМӢ, ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ, НАЗОРАТИ БОНКӢ ВА СУҒУРТАВӢ, ИНЧУНИН ТАБОДУЛИ ТАҶРИБА ВА ТАҲКИМИ ҲАМКОРӢ БО БОНКИ ЗАХИРАВИИ ҲИНДУСТОНРО БАРРАСӢ КАРДАНД.**

Ҳамчунин, доир ба роҳандозии робитаҳои муносибатҳои мустақим миёни бонкҳои тиҷоратии ду кишвар, густариши муносибатҳои корреспондентии бонкӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои анҷом додани пардохтҳои фаромарзӣ табодули афкор сурат гирифт.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода таъкид намуд, ки Тоҷикистон ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва иштироки муассисаҳои молиявии байналмилалӣ дар рушди низоми бонкӣ ва молиявии кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд, дар ин замина, иштироки муассисаҳои молиявӣ ва сармоягузорони Ҳиндустон дар рушди бахши бонкӣ ва молиявии Тоҷикистон мусбат арзёбӣ мегардад.

Дар мулоқот таъкид шуд, ки таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи бонкӣ метавонад ба рушди робитаҳои иқтисодиву молиявии Тоҷикистону Ҳиндустон ва фароҳам овардани имкониятҳои нави ҳамкорӣ мусоидат намояд.

# ВОХӮРӢ БО КОРШИНОСИ МУСТАҚИЛИ СММ

**19-УМИ АВГУСТИ СОЛИ 2026 МУОВИНИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ЗИЁРАТШО ҒУЛОМЗОДА БО КОРШИНОСИ МУСТАҚИЛИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ОИД БА ҚАРЗИ ХОРИҶӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН ХОНУМ АТТИЯ ВАРИС МУЛОҚОТ НАМУД.**





Дар мулоқот ҷонибҳо доир ба идоракунии оқилонаи қарзи давлатӣ, истифодаи механизмҳои муосири арзёбии устувории қарз, густариши хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ мубодилаи афкор намуданд.

Ҳамзамон, масъалаҳои васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии аҳолӣ, бахусус дастгирии занони соҳибкор, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби бештари онҳо ба фаъолияти иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар фарҷоми мулоқот ҷонибҳо омодагии худро барои идомаи муколамаи созанда ва таҳкими ҳамкорӣ дар самтҳои мавриди таваҷҷуҳ изҳор намуданд.



# ВАРЗИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Майдони нави футболи кишвар дар Душанбе*

**ИНШООТИ БУЗУРГИ ВАРЗИШӢ БАХШИДА БА 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ**

### МАЪЛУМОТИ АСОСӢ

- Ифтитоҳ: 21 августи 2026
- Оғози сохтмон: 15 марти 2019
- Ҷойгиршавӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Низомии Ганҷавӣ, ноҳияи Сино
- Масоҳати қитъа: 9,5 гектар
- Масоҳати умумӣ: 42 000+ м²
- Баландӣ: 33 метр
- Сохтор: 5 ошёна + таҳхона

### ИҚТИДОР ВА ИМКОНИЯТҲО

- Ғунҷоиш: 30 000+ ҷой
- Трибунаҳо: 12 000 + 18 000 ҷой
- Майдони бозӣ: 105 × 68 м
- Таваққуфгоҳ: 750+ мошин
- Турникетҳо: 68
- LED-экранҳо: 2 × 133 м²
- Прожекторҳо: 312
- Баландгӯякҳо: 88
- Камераҳо: 60

### РОҲНАМОИ ЗАМОН

- 2019 — оғози сохтмон
- 2025 — Муассисаи давлатии «Варзишгоҳи миллӣ» таъсис ёфт
- 2026 — расман ифтитоҳ шуд

### АРТ-ОБЪЕКТ



Дар назди даромадгоҳи асосии варзишгоҳ арт-объекти рамзӣ – имзои Президенти Тоҷикистон ҷойгир аст.

### АҲАМИЯТ

Варзишгоҳи миллии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин иншооти варзишии кишвар буда, барои баргузории бозиҳои байналмилалӣ, мусобиқаҳои футбол, чорабиниҳои бузурги давлатӣ ва барномаҳои оммавӣ пешбинӣ шудааст. Ин варзишгоҳ ба арсаи асосии футболи кишвар табдил меёбад.

**Мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ ва бозии сатҳи баланд**

# ТЕАТРИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## *Кохи нави ҳунар дар маркази Душанбе*



### МАЪЛУМОТИ АСОСӢ

- Ифтитоҳ: 24 августи 2026
- Оғози сохтмон: 17 марти 2015
- Мӯҳлати сохтмон: 11 сол
- Ҷойгиршавӣ: Душанбе, назди Осорхонаи миллӣ ва Боғи Парчами давлатӣ
- Масоҳат: 3 гектар
- Ошёнаҳо: 7 (2 зеризаминӣ + 5 рӯизаминӣ)
- Баландӣ: 35 метр
- Услуб: меъмории муосир бо унсурҳои миллии тоҷикӣ

### ИҚТИДОР ВА ИМКОНИЯТҲО

- Толори асосӣ: 2500 ҷой
- Толори дуюм: 1000 ҷой
- Толори конференсия: 1115 ҷой
- Таваққуфгоҳ: 250 мошин
- Лифтҳо: 17
- Эскалаторҳо: 6
- Меҳмонхона: 136 ҷой

### ИФТИТОҲИ РАСМӢ

24 августи соли 2026 Театри миллии Тоҷикистон расман ифтитоҳ гардид.



### РОҲНАМОИ ЗАМОН

- 2015 - хишти аввал гузошта шуд
- 2025 - Муассисаи давлатии «Театри миллӣ» таъсис ёфт
- 2026 - расман ифтитоҳ шуд

### ТОЛОРҲО ВА ОРОИШ





### АҲАМИЯТ

Театри миллии Тоҷикистон яке аз бузургтарин маҷмааҳои фарҳангии кишвар ба шумор меравад. Ин бино ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ифтитоҳ шуда, ба маркази нави ҳаёти фарҳангӣ ва ҳунарии мамлакат табдил меёбад.

# СОЛИМИИ КӮДАК – САРМОЯИ ФАРДОИ МИЛЛАТ

**Сию панҷ соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳаи тандурустии мамлакат марҳилаи муҳими рушду навсозӣ ва бунёдкорӣ гардид. Дар ин давра дар шаҳру ноҳияҳои кишвар садҳо муассисаи нави тиббӣ бунёду таҷдид ва сатҳи хизматрасонии тиббӣ беҳтар шуд. Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона» яке аз намунаҳои равшани ҳамин дигаргуниҳои замони соҳибистиқлолӣ мебошад.**






*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳангоми ифтитоҳи бинои нави Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона»*



*Мунира КАРИМЗОДА, директори Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона», узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## АЗ ТАЪРИХИ МУАССИСА

Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона ҳамчун муассисаи тандурустӣ аз соли 1963 фаъолият дорад. Аммо таърихи бинои каблии он ба солҳои пештар мерасад. Солҳои 1939-1941 дар ин ҷо боғчаи кӯдакон ва мактаби миёна ҷойгир буд. Дар солҳои 1941-1945 бино ба госпитали эвакуатсионии ақибгоҳи ҷангӣ табдил дода шуда, сарбозони маҷруҳи миллатҳои гуногун дар он табобат мегирифтанд. Баъди анҷоми ҷанг бино дубора ҳамчун муассисаи таълимӣ истифода шуд ва аз соли 1963 фаъолияти беморхонаи сироятии кӯдакона оғоз гардид.

Бо гузашти солҳо зарурати таъсиси муассисаи ҷавобгӯ ба талаботи муосир бештар эҳсос мешуд. Ин ҳадаф маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ амалӣ гардид.

## БИНОИ НАВ - МАРҲИЛАИ НАВИ ФАЪОЛИЯТ

1-уми сентябри соли 2019 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои нави Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Ин рӯйдод барои кормандони муассиса ва умуман соҳаи тандурустии кӯдакона аҳамияти хоса дошт. Бунёди беморхонаи муосир идомаи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таваҷҷуҳи доимии Пешвои миллат ба ҳифзи саломатии аҳолӣ, махсусан кӯдакону наврасон мебошад.

Беморхона аз шаш ошёна ва таххона иборат буда, барои 200 кати беморӣ пешбинӣ шудааст. Дар ошёнаҳои гуногун шуъбаи начот, шуъбаи бемориҳои қатрагӣ, бемориҳои сироятии муоличавӣ, шуъбаҳои махсуси бемориҳои сироятӣ ва паразитӣ ҷойгир шудаанд. Муассиса ҳамчунин дорои озмоишгоҳҳои клиникию биокимиёвӣ ва бактериологӣ, ҳуҷраҳои ташхиси ултрасадо ва рентгенӣ мебошад. Ҳамасола дар беморхона зиёда аз 4 ҳазор кӯдак аз Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ табобат мегиранд.

Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона муассисаи махсусгардонидашудаи ин самт мебошад.

Дар муассиса зиёда аз 270 корманд фаъолият доранд. Дар миёни онҳо табибон, ҳамшираҳои шафқат, кормандони хурди тиббӣ, маъмурӣ ва хоҷагӣ ҳастанд. Қисми зиёди мутахассисони беморхона дорои дараҷаҳои тахассусӣ мебошанд. Аз ҷумла, табибон ва ҳамшираҳои шафқати дорои дараҷаи олӣ, якум ва дуюм дар шуъбаҳои гуногун фаъолият мекунанд.

Дастгирии мутахассисон ва қадршиносии заҳмати онҳо низ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад. Як қатор кормандони беморхона аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ, аз ҷумла унвони Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ордени «Шараф» дараҷаи II, медали «Шафқат» ва ифтихорномаҳо сарфароз гардидаанд.



*Ҳайати роҳбарият ва кормандони Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона»*

## ТАҶҲИЗОТИ МУОСИР - ИМКОНИ ТАБОБАТИ БОСИФАТ

Дар замони соҳибистиқлолӣ муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои тандурустӣ бо технологияи муосир яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ гардид.

Бо дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе беморхона бо таҷҳизоти нави тиббӣ таъмин шудааст.

Имрӯз мутахассисон аз рентгени рақамӣ, дастгоҳи сайёри рентгенӣ, дастгоҳҳои ултрасадои сайёр, автоклавҳо, таҷҳизоти истеҳсоли оксиген, оксигенераторҳо ва мониторҳои назди катӣ истифода мебаранд.

Мавҷудияти чунин таҷҳизот имкон медиҳад, ки ҳолати бемор сари вақт ташхис шуда, чораёни табобат пайваста зери назорати мутахассисон қарор гирад. Ин масъала махсусан барои кӯдакони гирифтори бемориҳои вазнини сироятӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Ҳамчунин, беморхона дорои бунгоҳи барқӣ бо ду трансформатор, иншооти безараргардонӣ, ошхона, анбор ва дигар иншооти зарурӣ мебошад.

## ПОЙГОҲИ ИЛМ ВА ТАРБИЯИ МУТАХАССИСОН

Муассиса дар баробари фаъолияти табобатӣ ба яке аз пойгоҳҳои муҳими таълимию илмии самти бемориҳои сироятии кӯдакона табдил ёфтааст.

Дар заминаи беморхона кафедраи бемориҳои сироятии кӯдаконаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва кафедраи бемориҳои сироятии Коллеҷи тиббии шаҳри Душанбе фаъолият мекунанд. Дар ин ҷо донишҷӯёну мутахассисони ҷавон донишҳои назариявии худро дар шароити клиникӣ такмил медиҳанд.

Фаъолияти илмии табибон низ назаррас аст. Танҳо дар шаш моҳи соли 2026 дар ҳамкорӣ бо кормандони кафедраҳо 35 кори илмию таълимӣ омода гардидааст. Аз ҷумла, 12 мақола, 16 фишурда, 4 дастури таълимӣ, 2 дастурамали таълимию методӣ ва як китоби дарсӣ бо забони англисӣ таҳия шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии шомили КОА, РИНЦ ва SCOPUS низ нашр шудаанд.

Ин нишон медиҳад, ки беморхона танҳо макони табобати кӯдакон нест, балки маркази омӯзиш, таҳқиқ ва омодасозии кадрҳои соҳаи тиб низ мебошад.

Ҳарчанд муассиса беморхонаи шаҳрӣ ба ҳисоб меравад, фаъолияти мутахассисони он танҳо бо Душанбе маҳдуд намешавад.

Табибони соҳибтаҷриба тибқи нақшаи авиатсияи тиббию санитарӣ ба шаҳру ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ сафар намуда, ба беморон ёрии табобатию машваратӣ мерасонанд.

Мутахассисони беморхона дар самти пешгирии бемориҳо низ корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом медиҳанд. Онҳо тавассути телевизиону радио доир ба пешгирии сироятҳои шадиди роҳи нафас, гепатитҳои вирусӣ, бемориҳои паразитӣ ва дигар бемориҳои мавсимӣ ба аҳолӣ тавсияҳои тиббӣ пешниҳод менамоянд.

## БЕМОРХОНАИ СОЛ

Натиҷаи заҳмати кормандон дар сатҳи шаҳр низ қадр шудааст. Муассиса дар озмуни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба унвони «Беморхонаи сол-2023» сазовор гардид. Ин дастовард натиҷаи меҳнати дастаҷамъона, масъулиятшиносии кормандон ва фароҳам шудани шароити мусоиди кор дар солҳои соҳибистиқлолӣ мебошад.

Дар остонаи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихор метавон гуфт, ки соҳаи тандурустӣ дар ин давра роҳи бузурги рушдро тай кардааст.

Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона» аз муассисаи дорои имкониятҳои маҳдуд ба маркази муосири махсусгардонидашудаи дорои 200 кат, таҷҳизоти нави ташхисию табобатӣ, пойгоҳи илмӣ ва мутахассисони баландихтисос табдил ёфтааст.

Кӯдаконояндаи миллатанд. Ҳар кӯдаке, ки баъди муолиҷаи босифат солим ба оғӯши хонавода бармегардад, як умеди фардо ва як нерӯи созандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол аст. Аз ин рӯ, ҳифзи саломатии кӯдакон барои мо на танҳо вазифаи касбӣ, балки рисолати бузурги инсонӣ ва ватандорист.

# АЗ КАРНАЙЧӢ ЯК ПУФ

## Шаҳзодаи Самарқандӣ мехоҳад адабиёти тоҷикро дар Ғарб бештар муаррифӣ кунад



*Шаҳзодаи Самарқандӣ*




**ШАҲЗОДАИ САМАРҚАНДӢ, НАВИСАНДА ВА ТАРҶУМОНИ ТОҶИК ТАРҶУМАИ АНГЛИСИИ «ЧАШМИ САҲАР»-И САЙФ РАҲИМЗОДИ АФАРДИРО БА АНҶОМ РАСОНИДА, ОНРО ДАР ДУ ШАКЛ - ЭЛЕКТРОНӢ ВА ЧОПӢ ДАСТРАСИ ХОНАНДАГОН КАРДААСТ. ИН ДУВУМИН КИТОБ АЗ СИЛСИЛАИ «МУАРРИФИИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ҒАРБ» АСТ. ҚАБЛАН РОМАНИ «ШОҲАНШОҲ»-И БАҲМАНЁР БО НОМИ "KING OF KINGS" БА АНГЛИСӢ ТАРҶУМА ШУДА БУД.**

Ҳоло Шаҳзодаи Самарқандӣ рӯйи тарҷумаи «Марги судхӯр»-и Садриддин Айнӣ кор мекунад. Дар суҳбат бо мо ӯ аз ангезаи ин иқдом, таваҷҷуҳи донишгоҳҳои Ғарб ба адабиёти тоҷик, мушкилоти тарҷума ва орзуи роҳ ёфтани осори тоҷикӣ ба бозори ҷаҳонӣ гуфт.

**- Дувумин китоб аз силсилаи тарҷумаҳои адабиёти тоҷик ба забони англисӣ ба қалами шумо ба нашр расид. Муборак бошад. Аслан чаро ба чунин кор даст задед?**

- Мамнун аз лутф ва таваҷҷуҳи шумо. Моҷаро аз сафари ман ба Амрико шурӯъ шуд. Ба унвони меҳмони суханрон ба чанд донишгоҳи муътабари Амрико ва баъдан, дар ду соли гузашта ба донишгоҳҳои Инглистон даъват шудам. Дар он ҷо ба забонҳои кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таваҷҷуҳи вижа доранд ва адабиёти онҳоро низ меомӯзанд. Дар суҳбат бо устодон ва аз пурсишҳои донишҷӯён ба ин натиҷа расидам, ки онҳо аз адабиёти тоҷик маводи кофӣ дар даст надоранд. Аз ҳамин сабаб тасмим гирифтам то ҳадди имкон намунаҳои хуби адабиёти тоҷикро тарҷума кунам.

Ҳарчанд тарҷума тахассуси аслии ман нест, чун ҳанӯз мутарҷимони чирадасте мо каманд, худам даст ба кор шудам. Ин тоза оғози роҳ аст. Мо бояд сахткӯшона кор кунем, то адабиёти худро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда тавонем.

**- Шумо аз афзоиши таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва ҷавонони Ғарб ба Осиёи Марказӣ, бахусус адабиёти тоҷик мегӯед. Инро дар чӣ мушоҳида мекунед?**

- Таваҷҷуҳи асосӣ феълан дар донишгоҳҳои Ғарб аст. Баъзе донишгоҳҳо забони форсии тоҷикиро ба барномаҳои омӯзишии худ ворид кардаанд ва ба маводи дасти аввал эҳтиёҷ доранд, то донишҷӯ битавонад матни тоҷикиро бо тарҷумаи англисии он муқоиса кунад.

Мутаассифона, дар 35 соли Истиқлол талоши ҷиддие барои муаррифии пайвастаи адабиёти тоҷик ба забони англисӣ анҷом надодаем. Умеди ман ба насли ҷадид аст. Ҷавонони зиёде имрӯз дар Тоҷикистон ва хориҷ забони англисӣ меомӯзанд. Умедворам дар оянда онҳо ин корро хеле беҳтар аз мо пеш мебаранд.

**- Нахуст «Шоҳаншоҳ»-и Баҳманёрро тарҷума кардед. Чаро маҳз ин асарро интихоб кардед?**

- «Шоҳаншоҳ»-и Баҳманёри азиз аз аввал диққати маро ҷалб карда буд. Ҳатто шояд дар пайдо шудани баъзе бахшҳои он, бавосита, саҳме дошта бошам. Замоне бо ҳамсарам Меҳдӣ Ҷомӣ ба Душанбе омада будем ва бо Баҳманёр дар чойхонаи «Роҳат» нишастем. Ҳоло на он «Роҳат» мондаасту на Баҳманёри азизи мо... Он рӯз аз хоҳарам Моҳзода ба Баҳманёр паём бурдам. Ӯ «Сармаддеҳ»-ро дӯст медошт ва мепурсид, ки оё рӯзе ба Сармаддеҳ технологияи нав - яхдон, телевизор ва дигар чизҳо ворид мешаванд ва мардум онҳоро чӣ гуна қабул мекунанд? Баҳманёр гуфт: «Ман дафтари Сармаддеҳро бастаам ва мехоҳам кори ҷадид кунам. Ҳоло дар дунёи дигаре ҳастам». Вақте номи ману хоҳарам - Шоҳзода ва Моҳзодаро шунид, гуфт: «Чӣ ҷолиб: Моҳзода ва Шоҳзода». Баъдтар дар «Шоҳаншоҳ» ду хоҳар - Сито ва Гито пайдо шуданд.

Ман «Шоҳаншоҳ»-ро пеш аз чоп хонда будам. Ҳатто худи Баҳманёр дақиқ намедонист, ки ин асарро аз назари жанрӣ чӣ ном диҳад. Ба назари ман, он аввалин намунаи барҷастаи метафикшн ё фародостон дар адабиёти тоҷик аст.

Ин асар аз як тараф аз фарҳанг ва ривоятҳои кӯҳани мо, аз ҷумла суннати «Ҳазору як шаб» баҳра мегирад, аз тарафи дигар, бо забони адабиёти муосири ҷаҳон ҳамсуҳбат мешавад. Ман мехостам ба хонандаи ғарбӣ нишон диҳам, ки адабиёти тоҷик низ аз равандҳои навини адабӣ дур нест.

**- Хонандаи англисзабон «Шоҳаншоҳ»-ро чӣ гуна қабул кард?**

- Муҳотаби асосии тарҷумаҳои мо ҳоло донишҷӯён, устодони адабиёти ҷаҳон ва мутарҷимони ҷавонанд. «Шоҳаншоҳ»-ро дар баъзе донишгоҳҳо дар канори тарҷумаҳои «Замини модарон» ва порахое аз «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ истифода мекунанд.

Ғарб ҳанӯз моро кашф мекунад. Устодону донишҷӯён дар баёни назар эҳтиёткор ҳастанд, вале аз он ки намунаҳои бештаре аз адабиёти тоҷик ба дасташон мерасад, истиқбол мекунанд.

Барои ҳамин бояд бештар тарҷума кунем. То вақте ки танҳо ду-се китоб дорем, наметавонем интизор бошем, ки касе дар бораи адабиёти тоҷик тасаввури комил ҳосил кунад.

**- Меъёри интихоби асарҳо барои тарҷума чист? Шуҳрати адиб ё арзиши худи асар?**

- То имрӯз бар асоси ташхиси худам пеш рафтаам. Асареро интихоб мекунам, ки фикр мекунам барои насли ҷавони ғарбӣ ҷолибу омӯзанда бошад ва аз ҷаҳони тоҷикии мо бо сабки хоси худ қисса кунад.

Шуҳрати дохилии нависанда барои ман авлавияти аввал нест. Муҳим ин аст, ки асар хуб, асил ва мондагор бошад. Адабиёти саргармкунанда ва кӯтоҳумр дар мадди назарам нест. Дунболи адабиёте ҳастам, ки баъди чанд даҳсола ҳам хонанда дошта бошад.

То имрӯз «Шоҳаншоҳ»-и Баҳманёр ва «Чашми саҳар»-и Сайф Раҳимзоди Афардиро тарҷума кардам. Ҳоло «Марги судхӯр»-и устод Айниро дар даст дорам. Дар дил осори Муҳаммадзамони Солеҳ ва Фазлиддин Муҳаммадиевро ҳам дорам. Оҳиста-оҳиста, агар умру фурсат бошад, корҳои дигарро низ анҷом медиҳам.

**- Чаро адабиёти тоҷик ба англисӣ кам тарҷума шудааст? Мушкил дар набудани маблағ аст ё мутарҷим?**

- Ба фикрам, мушкили аввал камбуди мутарҷими чирадаст аст.

**- Мо беш аз сӣ сол аст, ки ба ҷавонон забонҳои хориҷӣ меомӯзонем. Аммо ин ҷавонон куҷоянд? Чанд нафар тарҷумаи адабиёти ҷаҳонро ба тоҷикӣ ё адабиёти тоҷикро ба дигар забонҳо вазифаи худ медонанд?**

- Баъди нашри тарҷумаи дувум як мутарҷими ҷавон бо ман тамос гирифт ва гуфт, ки ӯ низ адабиёти тоҷикро ба англисӣ ва афсонаҳои англисиро ба тоҷикӣ тарҷума мекунад. Ин хабар маро бисёр шод кард. Аммо мо бояд на як ё ду, балки садҳо мутарҷим дошта бошем.

**- Тарҷумаи адабӣ кори бисёр душвор аст. Махсусан, ду асаре, ки шумо тарҷума кардед, аносири хоси фарҳангӣ, мақолу зарбулмасал, лаҳҷа, шеваи гуфтор ва дигар хусусиятҳои хос доранд, ки кори тарҷумаро дучанд душвор мекунанд. Ин душвориҳоро чӣ гуна пушти сар кардед?**

- Бидуни поварақӣ намешавад. Шумо матнеро ба англисии равон тарҷума мекунед, баъд мебинед, ки як қисми маънохои нуҳуфта аз даст рафтааст. Он вақт маҷбур мешавед тавзеҳ диҳед, ки ин калима, мақол, киноя ё истиора дар фарҳанги тоҷикӣ боз чӣ маъно дорад.

Ман поварақиҳои зиёд истифода мекунам. Ин кор тарҷумаро хеле кунд мекунад, вале агар мақсад расонидани рӯҳи асар бошад, чораи дигар нест. Бо вуҷуди ин, бояд қабул кунем, ки ҳеҷ тарҷума асли асар намешавад. Ҳар забон тавоноӣ ва маҳдудияти худро дорад. Масалан, ман ҳеҷ гоҳ ҷуръат намекунам «Сармаддеҳ»-ро тарҷума кунам. Барои ман кори бисёр дандоншикан аст.

**- Асарҳои худи шуморо қаблан дигарон ба англисӣ тарҷума кардаанд. Инак, худатон ба кори тарҷума даст задед. Аз тарҷумаҳои дигарон ва тарҷумаҳои худатон чӣ бардоште доред?**

- Забони англисӣ забони модарии ман нест. Ҳарчанд солҳо омӯхтаам, ҳеҷ гоҳ онро мисли форсӣ ламс карда наметавонам. Аммо агар ман имрӯз даст ба ин кор назанам, шояд боз солҳои зиёд мунтазир шавем.

Барои ман тарҷумаи адабиёти тоҷик як навъ адои дайн аст. Адабиёти форсии тоҷикӣ маро мисли модар шир додааст. Ҳоло мехоҳам қадрдонӣ кунам. Агар рӯзе мутарҷимони чирадасте ба майдон оянд ва ин корро аз ман беҳтар анҷом диҳанд, бо камоли майл тарҷумаро канор мегузорам ва вақти бештаре барои навиштани китобҳои худам хоҳам дошт. Тарҷума барои ман адои вазифаи фарзандӣ дар баробари модар - Ватан аст.

**- Феълан рӯйи тарҷумаи асари устод Айнӣ кор мекунед. Чӣ интизорӣ доред? Оё ин румони устод Айнӣ ба завқи хонандаи инглисзабон созгор аст?**

- Дар тамоми муоширатҳое, ки бо донишгоҳҳо доштам, ҳамеша аз Садриддин Айнӣ ном мебурданд. Ӯро мешиносанд ва мехоҳанд бештар бихонанд. «Марги судхӯр» асари бисёр гирою таърихӣ ва асил аст. Аз он асарҳоест, ки дар ҳар замон хонандаи худро дорад.

Садриддин Айнӣ ғули азими адабиёти форсии тоҷикӣ аст. Агар аз ӯ намунае тарҷума намекардам, эҳсос мекардам корам нопурра мондааст. Мо бояд на танҳо «Марги судхӯр», балки тамоми осори муҳими Айниро ба англисӣ ва забонҳои дигари хориҷӣ тарҷума ва бозтарҷума кунем, то ӯ дар сатҳи шоиста шинохта шавад.

**- Барои нашр ва таблиғи ин китобҳо пуштибонӣ доред?**

- Феълан не. Ҳамаи ин корро бо маблағи шахсии худ анҷом медиҳам. Тарҷума ҳоло барои ман кори тиҷоратӣ нест, бештар кори довталабона ва хайриявист. Орзу дорам барои силсилаи «Муаррифии адабиёти тоҷик дар Ғарб» сомонаи ҷудогона роҳандозӣ кунам ва китобҳоро дар як ҷо ҷамъ оварам. Аммо ин кор маблағ ва гурӯҳ мехоҳад. Умед дорам рӯзе сармоягузорони тоҷик, ки ирқи миллӣ доранд, ба чунин тарҳҳо таваҷҷуҳ мекунанд.

То он рӯз танҳо кор мекунам. Гуфтаанд: «Аз карнайчӣ як пуф». То нафас ҳаст, хоҳам дамид ва баъдан ин корро бо тамоми умед ба насли оянда хоҳам супурд. Ман ҳам мисли бисёре аз мардум аз Даҷлаи адабиёт бисёр нон хӯрдаам. Акнун навбати ман аст, ки ноне ба Даҷла андозам, шояд рӯзе ба дасти ниёзманде бирасад.

**Мусоҳиб:
Одил НОЗИР**

# ҲОМИДДИН ШАРИФОВ

## - роҳбаре, ки ба дониш ва хирад такя мекард



**РАСО 19 СОЛ ҚАБЛ, 29-УМИ АВГУСТИ СОЛИ 2007 БАР АСАРИ БЕМОРИИ ВАЗНИН ДИЛИ СОБИҚ ВАЗИРИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ТОҶИКИСТОН, ГЕНЕРАЛ-ПОЛКОВНИКИ МИЛИТСИЯ ҲОМИДДИН ҲАСАНОВИЧ ШАРИФОВ АЗ ТАПИДАН БОЗМОНД. РӮЗИ ДИГАР, 30-ЮМИ АВГУСТ ХАБАРИ ДАРГУЗАШТИ Ӯ БА ЯКЕ АЗ ХАБАРҲОИ АСОСИИ РАСОНАҲОИ ДОХИЛИВУ ХОРИҶӢ ТАБДИЛ ЁФТ. ЗЕРО ҲОМИДДИН ШАРИФОВ ДАВОМИ СОЛҲОИ ФАЪОЛИЯТ ДАР ВАЗИФАИ ВАЗИРИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ТОҶИКИСТОН БО САДОҚАТИ КОМИЛ БА ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА ХИЗМАТИ БЕҒАРАЗОНА БА ХАЛҚУ ВАТАН НОМ БАРОВАРДА БУД.**

Дар арафаи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади ёдоварӣ аз фаъолияти хизматӣ ва зиндагиномаи пуршебу фарози фарзанди содиқи давлату миллат Ҳомиддин Ҳасанович, бо собиқ командири полки посбонию пайраҳадорӣ, корманди фахрии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии милитсияи Иттиҳоди Шуравӣ, полковники милитсия Саидхуҷа Мирзохоҷаев суҳбат анҷом додем.

Бояд гуфт, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ шахсони касбу кори гуногун, ки қобилияти роҳбарӣ ва фармондеҳии табиӣ доштанд, бо тақозои вазъи ҳамон давра ба ҷузъу томҳои хурду калони мусаллаҳ роҳбар буданд. Албатта, саҳми қисми зиёди онҳо дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ арзанда ва қобили таҳсин аст, зеро на ҳар кас дар он рӯзҳои сангин ҷасорату матонат дошт, ки ба майдони мубориза мусаллаҳона ворид шуда, ҷони худро ба хатар гузорад. Вале, мутаассифона, ашхосе низ буданд, ки берун аз доираи муқаррарнамудаи қонун фаъолият доштанд. Аз ин лиҳоз, бо ташаббуси роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣ воҳиди махсус - баталиёни посбонию пайраҳадорӣ таъсис дода шуд, ки роҳбарии онро корманди собиқадори милитсия, афсари корозмуда ва дорои таҷрибаи ҷангӣ Саидхуҷа Мирзохоҷаев, ки он вақт сардори шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Панҷ буд, ба уҳда гирифт.

Гарчанде ин воҳид аз нигоҳи ном баталиёни посбонию пайраҳадорӣ ном дошт, вале ҳайати шахсии он дар амалиётҳои ҷангӣ низ иштирок намуда, супоришҳои махсусро иҷро мекард. Роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣ хуб дарк мекард, ки барои барқарор намудани тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини осоиштагӣ ва тоза кардани сафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз шахсони тасодуфӣ бояд ба воҳидҳои сохтории милитсия такя кард - воҳидҳое, ки таҷрибаи ҷангӣ дошта, дорои интизоми қавӣ ва аз ҳисоби кормандони касбии милитсия ташкил ёфта бошанд.

Шурӯъ аз соли 1995 то соли 2005 воҳиди сохтории зикргардидаи Вазорати корҳои дохилӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии қонуншиканиҳо аз ҷониби шахсони мусаллаҳ саҳми назаррас гузошт. Тибқи фармони Вазорати корҳои дохилӣ, ҳайати шахсии полки посбонию пайраҳадорӣ барои пешгирии гаштугузори ғайриқонунии шахсони мусаллаҳ дар ҳудуди пойтахт масъул буд ва дар ҳолатҳои зарурӣ онҳоро, новобаста аз таъинот, бесилоҳ мегардонд.

Тавре Саидхуҷа Мирзохоҷаев ёдовар мешавад, соли 1997 вақте полковники ошӯбгар Маҳмуд Худойбердиев дар маркази вилояти Хатлон исён бардошта, ба таври ғайриқонунӣ ултиматум пешниҳод кард, нахустин шуда нерӯҳои Вазорати корҳои дохилӣ - баталиёни посбонию пайраҳадорӣ ба маркази вилояти Хатлон сафарбар шуданд. Бо расидани ҷанговарони баталиён ва оғоз гардидани амалиёт дастаҳои мусаллаҳи М. Худойбердиев рӯ ба гурез ниҳоданд. Давоми чанд рӯз маркази вилояти Хатлон - шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар), гирду атроф ва ноҳияҳои ба кишвари ҳамсоя ҳамсарҳад аз дастаҳои хоину ошӯбгар тоза карда шуд.

Барои иштироки фаъол дар ин амалиёт вазири корҳои дохилӣ Ҳомиддин Шарифов шахсан командири баталиён Саидхуҷа Мирзохоҷаевро барои сарфароз гардидан бо мукофоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - медали «Ҷасорат» пешниҳод намуд.

Гузашта аз ин, бо ташаббуси Ҳомиддин Шарифов ҳайати шахсии баталиён аз 400 нафар то 750 нафар зиёд карда шуда, он ба полк табдил дода шуд. Таъминоти минбаъдаи полк бо муҳимоти ҷангӣ, сарулибос, маводи хӯрокворӣ ва техникаи зарурӣ пурра зери назорати бевоситаи вазир қарор гирифта, бо дастгирии ӯ дар ҳудуди полк толори варзишии муҷаҳҳаз бо тамоми шароити зарурӣ ташкил карда шуд.

Саидхуҷа Мирзохоҷаев зимни суҳбат гуфт: «Мехоҳам таъкид кунам, ки дониш, хирад ва маҳорати баланди касбӣ ба Ҳомиддин Шарифов имкон дод, ки амалиёти "Барқосо" муваффақона тарҳрезӣ ва амалӣ карда шавад. Ба зимма гирифтани ин амалиёт аз оғоз то анҷом ташаббуси шахсии худи вазир буд. Сарфармондеҳи олии мамлакат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон талаб карданд, ки тартиботи ҷамъиятӣ дар атрофи шаҳри Душанбе таъмин карда шавад. Ҳомиддин Шарифов ҳамчун вазири корҳои дохилӣ иҷрои ин супориш ва безарар гардонидани гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳро рисолати касбии худ медонист».

Полки посбонию пайраҳадорӣ ҳамчун воҳиди махсуси милитсия дар амалиёти «Барқосо» барои безарар гардонидани гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ дар атрофи шаҳри Душанбе фаъолона ва далерона иштирок намуд.

- Баъд аз анҷоми амалиёти "Барқосо" Ҳомиддин Ҳасанович маро барои гирифтани ордени "Спитамен" пешниҳод намуданд. Маврид ба зикр аст, ки баъди ин амалиёт таъиноти минбаъдаи полк низ аз ҷиҳати моддиву маънавӣ ба сатҳи баланд расонида шуд. Минбаъд ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба зиммаи полки посбонию пайраҳадорӣ гузашта, барои ҳифзи иншооти муҳим ва стратегӣ муҳофизон аз ҳисоби полк ҷудо карда мешуданд,- изҳор дошт Саидхуҷа Мирзохоҷаев.

Собиқ командири полки посбонию пайраҳадорӣ воқеаҳои дигарро низ ёдовар шуд: "Хуб дар ёд дорам, боре нисфи шаб вазири корҳои дохилӣ Ҳомиддин Шарифов бо ҳайати роҳбарикунандаи вазорат ногаҳон ба полк омада, фармони санҷишии "Бонги хатар"-ро доданд. Давоми чанд дақиқа ҳайати шахсӣ пурра дар майдони барои машқ пешбинишуда саф ороста, ҳозир-ғоиб гузаронида шуд. Маълум гардид, ки тамоми ҳайати шахсӣ мувофиқи таъинот дар ҷойҳои муқарраргардида қарор дошта, ягон нафари беасос дар полк набуда пайдо нашуд. Вазир аз ин ҳолат хеле хушҳол шуда, изҳори сипос намуд.

Бори дигар, вақте аз санҷиши яке аз посгоҳҳо бармегаштем, мошини хизматии мо ба садама дучор шуда, пешониам ба оинаи мошин бархӯрд. Азбаски ҷароҳатам вазнин набуд ва ҷониби дигари садама низ низомиён буданд, ҳодисаро овоза накарда, ба хона рафтам. Тахминан баъд аз як соат дари хона тақ-тақ шуд. Вақте дарро кушодам, пушти он вазири корҳои дохилӣ Ҳомиддин Шарифов бо ҳайати ҳамроҳонаш қарор дошт. Ҳайрон шудам, ки вазир барои чӣ ба хонаам омадааст? Пурсиши ӯ маро ба худ овард.

- Саидхуҷа, хабар омад, ки ба садама дучор шудӣ. Аҳволат чӣ хел аст?

Вақте вазир боварӣ ҳосил кард, ки ҷароҳати вазнин нагирифтаам, таъкид намуд, ки минбаъд худро эҳтиёт кунам.

Маълум шуд, ки вазир аз садама хабар ёфта, шахсан барои аз наздик дидани аҳволи ман ба хонаам омадааст. Чунин муносибати ғамхорона моро низ водор мекард, ки нисбат ба тобеони худ одилона ва дилсӯзона муносибат кунем".

Саидхуҷа Мирзохоҷаев боз як хотираи ҷолиби дигарро нақл кард: "Боре яке аз наздикони Ҳомиддин Шарифов ба гирифтани унвони илмӣ мушарраф гардид ва маро низ барои табрик намудани он нафар бо худ ҳамроҳ гирифт. Зимни суҳбат бо он олими ҷавон Ҳомиддин Ҳасанович муддати даҳ дақиқа дар бораи фалсафаи дуализми Рене Декарт андешаҳои худро баён кард. Сипас дар бораи Никколо Макиавелли ва Иммануил Кант низ маълумоти хубу андешаҳои ҷолиб иброз дошт.

Ман аз вазир пурсидам:

- Шумо факултаи ҳуқуқшиносиро хондаед ё факултаи фалсафаро?

Дар ҷавоб вазир гуфт:

- Мо вазифадор ҳастем, ки адабиёт, фарҳанг ва таърихи миллати худро пурра донем ва дар баробари ин аз ҳикматҳои файласуфони ҷаҳон низ огоҳ бошем.

Воқеан, дониш ва хирад аз муҳимтарин василаҳои фаъолияти Ҳомиддин Шарифов буданд. Ӯ ҳангоми суҳбат ба донишу фаҳмиш ва қобилияти касбии шахс баҳо медод".

Аз нақли хотираҳои Саидхуҷа Мирзохоҷаев бармеояд, ки Ҳомиддин Шарифов на танҳо ҳамчун роҳбари масъулиятшинос ва дорои маҳорати баланди касбӣ, балки ҳамчун инсони донишманду ғамхор дар хотираи ҳамкорон нақш гузоштааст. Ӯ дар қабули қарорҳои муҳим ба дониш ва таҳлили амиқи вазъият такя намуда, дар лаҳзаҳои ҳассос масъулияти роҳбариро шахсан бар дӯш гирифтааст.

Хусусияти дигари қобили таваҷҷуҳ муносибати инсонпарварона бо зердастон будааст. Аз нақлҳои С. Мирзохоҷаев эҳсос мешавад, ки Ҳомиддин Ҳасанович ба зиндагӣ ва ҳолу аҳволи кормандон низ бетафовут набуд.

Дар баробари ҷасорату матонат, инчунин ҷаҳонбинии васеъ ва шавқи номбурда ба илму фарҳанг аз бисёрҷабҳагии чеҳраи ин шахсият дарак медиҳад. Барои ӯ дониш на танҳо василаи пешрафти шахсӣ, балки заминаи роҳбарии дуруст ва тарбияи кадрҳои босалоҳият ба ҳисоб мерафт.

Имрӯз, пас аз солҳои зиёде аз даргузашти Шарифов Ҳомиддин Ҳасанович, хотираҳои ҳамкорон нишон медиҳанд, ки ёди инсон на бо мансаб, балки бо амал, садоқат ва муносибати нек ба мардум дар хотираҳо боқӣ мемонад. Ва зиндагии Ҳомиддин Ҳасанович аз ҷумлаи чунин саҳифаҳоест, ки метавон аз он барои насли имрӯз дарси масъулият, матонат ва хизмати содиқона ба давлату миллат гирифт.

**Акрам САНГЗОДА,**
**Дилшоди АБДУЛМАҶИД**

**ОЛИМОНИ ҲИНДУСТОН ДОРУИ НАВЕРО ТАҲИЯ КАРДААНД, КИ ТАНҲО ДАР ДОХИЛИ ҲУҶАЙРАҲОИ САРАТОНӢ ФАЪОЛ МЕШАВАД. БА ГУФТАИ ВАЗОРАТИ ИЛМ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ИН КИШВАР, ДОРУИ НАВ ДАР ОЯНДА МЕТАВОНАД ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ АЛТЕРНАТИВАҲОИ ХИМИОТЕРАПИЯИ АНЪАНАВӢ ИСТИФОДА ШАВАД.**



# ДОРУИ «ҲУШМАНД»-И ЗИДДИ САРАТОН

Дору бо номи RK-251 аз ҷониби муҳаққиқони Институти тадқиқоти пешрафта оид ба илм ва технология ва Донишкадаи технологии Ҳиндустон дар шаҳри Гуваҳатӣ таҳия шудааст.

Мақомоти Ҳиндустон RK-251-ро доруи «ҳушманд» номидаанд, зеро он барои фаъол шудан маҳз дар дохили ҳуҷайраҳои саратонӣ тарҳрезӣ шудааст. Баръакси баъзе намудҳои химиотерапияи маъмулӣ, ки метавонанд ба ҳуҷайраҳои солими организм низ осеб расонанд, доруи нав дар бофтаҳои солим фаъол намешавад ва асосан ҳуҷайраҳои варамро ҳадаф мегирад.

Механизми таъсири RK-251 ба сатҳи баланди намудҳои реактивии оксиген дар ҳуҷайраҳои саратонӣ асос ёфтааст. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки ин хусусият метавонад ба дору имкон диҳад, ки ҳуҷайраҳои беморро дақиқтар ҳадаф қарор диҳад.

Ба иттилои вазорат, дар ҷараёни таҳқиқоти аввалия нишонаҳои назарраси заҳролудшавӣ аз истифодаи RK-251 мушоҳида нашудаанд. Бо вуҷуди ин, барои муайян кардани самаранокӣ ва бехатарии дору таҳқиқоти иловагӣ зарур аст.

Олимон умед доранд, ки натиҷаҳои бадастомада барои идомаи таҳқиқоти пешазклиникӣ ва дар оянда таҳияи усулҳои нави табобати саратон замина фароҳам мекунанд.

# ДАВОИ ДАРДИ САР ВА КАМХУНӢ

**МАЛИНА ЯКЕ АЗ БУТТАМЕВАҲОИ ХУШТАЪМ ВА СЕРҒИЗО БУДА, ДАР ТАРКИБАШ МОДДАҲОИ БАРОИ ОРГАНИЗМ ЗАРУРИРО ДОРАД. 100 ГРАММ МАЛИНА ҲАМАГӢ ТАҚРИБАН 42 КИЛОКАЛОРИЯ ДОШТА, БАРОИ ҒИЗОИ СОЛИМ ИНТИХОБИ ХУБ БА ҲИСОБ МЕРАВАД.**

Малинаи тару тоза, хушк ва барги он дар тиби халқӣ аз қадим истифода мешавад. Аз ҷумла, онро ҳангоми зуком ва шамолхӯрӣ ба шакли чой истеъмол мекунанд. Барои омода кардани нӯшокӣ 1-2 қошуқча малинаи хушкро ба як истакон оби ҷӯш андохта, баъд аз чанд дақиқа дар ҳолати гарм нӯшидан мумкин аст. Чойи малина бо мураббо низ маъмул буда, онро бештар ҳангоми нишонаҳои шамолхӯрӣ истифода мебаранд.

Дар тиби халқӣ малина инчунин барои дастгирии организм ҳангоми гастрит, камхунӣ, фишори баланди хун ва баъзе бемориҳои дилу раг истифода шудааст. Аз меваи тару тоза шарбат омода карда, пеш аз хӯрок истеъмол мекунанд.

Барг ва гули малина низ дар баъзе дорухатҳои мардумӣ, аз ҷумла барои мушкилоти вобаста ба саломатии занон истифода мешаванд. Барои ин аз баргу гули хушк дамоба тайёр мекунанд.

Ҳамчунин дар тиби халқӣ нӯшокии аз малина омодашуда барои рафъи дарди сар тавсия шудааст. Бо вуҷуди ин, истифодаи малина ҳамчун воситаи табобатӣ ҷойгузини муолиҷаи духтур шуда наметавонад. Дар сурати бемориҳои давомдор ё шадид ба мутахассис муроҷиат кардан зарур аст.

# ХАТАРИ НАШУНИДАНИ САДОИ СОАТ

**Нашунидани садои баланди соати зангдор ё будилник дар субҳ метавонад аз камхобии музмин ва хастагии шадиди организм дарак диҳад. Духтури сомнолог, номзади илмҳои тиб Татяна Федорова дар суҳбат бо агентии "ТАСС" гуфтааст, ки чунин ҳолат набояд нодида гирифта шавад.**



Ба гуфтаи мутахассис, ҳангоми камхобии тӯлонӣ сохтори хоб тағйир ёфта, марҳилаи ба истилоҳ «хоби делта» бештар ва амиқтар мешавад. Дар ин ҳолат фаъолияти мағзи сар ба ҳадди паст мерасад ва инсон метавонад ба дараҷае сахт хоб равад, ки ҳатто садои баланди будилник ӯро бедор карда натавонад. Федорова таъкид кардааст, ки чунин ҳолат метавонад сигнали хастагии шадиди организм бошад. Камхобии музмин ба фаъолияти тамоми бадан таъсир расонида, аз ҷумла метавонад барои системаи дилу рагҳо хатари ҷиддӣ эҷод кунад. Аз ин рӯ, агар шахс пайваста садои соати зангдорро нашунавад ва бо душворӣ бедор шавад, бояд ба реҷаи хоб ва истироҳати худ таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунад. Ҳамзамон, қобилияти зуд ё душвор бедор шудан ба хронотипи инсон низ вобаста аст. Ба гуфтаи табиб, одамони «шабгард» ё «совҳо» субҳ нисбат ба «саҳархезҳо» ё «жаворонокҳо» душвортар бедор мешаванд. Дар онҳо фаъолияти мағзи сар дар соатҳои аввали рӯз метавонад нисбатан сусттар бошад.

Мутахассисон тавсия медиҳанд, ки барои нигоҳ доштани саломатӣ ба хоби кофӣ ва мунтазам аҳаммияти ҷиддӣ дода шавад.

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Ин ҳафта барои ба тартиб даровардани корҳои молиявӣ ва нақшаҳои оянда хуб аст. Хароҷоти худро аз назар гузаронед ва роҳҳои сарфакориро ҷӯед. Агар хоҳед, ки маош ё шароити кориатон беҳтар шавад, бо роҳбарият суҳбат кунед.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Корҳои якҷояи хонаводагӣ муносибатҳои шуморо боз ҳам мустаҳкам мекунанд. Энергияи зиёд дар муносибатҳои ошиқона таъсири хуб мегузорад, аммо аз ҳад ҷиддӣ ва ҳисобчӣ будан метавонад романтикаро кам кунад.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Дар кор эҳтимол баъзе мушкилот пеш оянд, махсусан агар ба сохтмон ё таъминот вобаста бошед. Бо вуҷуди ин, барои пешрафти касбӣ ва ба даст овардани эътимоди роҳбарон имкониятҳои хуб доред. Аз одамони манфӣ ва муносибатҳои нолозим дурӣ ҷӯед.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Ин ҳафта нерӯи зиёд пайдо мекунед ва барои амалӣ кардани нақшаҳо имконияти хуб доред. Дар муносибатҳо каме навоварӣ ва хушҳолӣ ворид кунед, бо дӯстону наздикон бештар вақт гузаронед. Ба ғизои худ диққат диҳед ва аз хӯрокҳои вазнин худдорӣ намоед.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Хабарҳои субҳгоҳӣ метавонанд аввал шуморо нигарон кунанд, аммо баъд маълум мешавад, ки вазъ он қадар бад нест. Таҷриба ва дониши худро ба ҳамкорони камтаҷриба омӯзонед. Агар бо шахси дӯстдошта баҳс кунед, беҳтараш каме танаффус гирифта, баъд суҳбат кунед.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Дар муносибат бо фарзандони наврас баъзе душвориҳо пайдо шуда метавонанд. Барои наздик шудан мавзуи умумӣ ё машғулияти якҷоя пайдо кунед. Агар асабонӣ бошед, варзиш ба шумо кумак мекунад. Муошírати самимӣ бо аҳли оила муносибатҳоро гармтар месозад.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Кори аз ҳад зиёд метавонад боиси норозигии шахси наздик шавад, бинобар ин барои оила вақт ҷудо кунед. Дар роҳ ва ҳангоми иҷрои корҳо эҳтиёткор бошед. Дар ҳаёти шахсӣ фазои хубу ором ҳукмфармо мешавад. Рӯзи ҷумъа барои қарорҳои ҷасурона мусоид аст.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Эҳтимол роҳбарият ба шумо кори муҳим ё лоиҳаи масъулиятнок супорад. Агар онро хуб иҷро кунед, ин метавонад барои пешрафти касбиатон қадами муҳим гардад. Ҳадафҳои худро воқеӣ интихоб кунед ва имкониятҳои худро дуруст баҳо диҳед.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Ин ҳафта дар бораи кори худ андеша кунед: оё он ғайр аз пул ба шумо қаноатмандӣ ҳам меорад? Агар не, шояд вақти пайдо кардани самти нав расида бошад. Корҳои кӯҳнаро ба анҷом расонед ва барои худшиносӣ вақт ҷудо кунед.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Ин ҳафта метавонед мавқеи худро дар ҷомеа ва кор мустаҳкам кунед ва муносибатҳои оилавиро беҳтар созед. Ҳангоми қабули қарорҳо ба одамони атроф бодиққат назар кунед ва ба воқеаҳо шитобкорона дахолат накунед.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Неруи зиёд ба шумо дар кор ва муносибат бо роҳбарон кумак мекунад. Ҳангоми имзои шартномаҳои дарозмуддат бодиққат бошед. Тафаккури ғайриодӣ ва мантиқ метавонад роҳи ҳалли хуби масъалаҳоро пайдо кунад. Барои корҳои ҷисмонӣ ва фаъолияти зиёд рӯзҳои мувофиқ доред.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Ин ҳафта барои оғози корҳои нав, мустаҳкам кардани муносибатҳо ва корҳои оилавӣ мусоид аст. Эҳтимол занон сюрпризи хуш гиранд. Дар муносибатҳои ошиқона эҳсосот ва меҳрубонӣ бештар мешаванд. Ҳангоми машғулиятҳои ҷисмонӣ эҳтиётро фаромӯш накунед.

# ВИЖАНОМАИ РАВШАН РАҲМОНӢ ДАР ЭРОН



**Шумораи даҳуми маҷаллаи фарҳангиву адабии «Самарқанд» дар Эрон ба нашр расид. Шумораи вижа, ки дар 224 саҳифа чоп шудааст, ба зиндагӣ, фаъолияти илмӣ ва осори профессор Равшан Раҳмонӣ - нависанда, пажӯҳишгар ва фолклоршиноси маъруфи тоҷик бахшида шудааст.**

Дар ин шумора мақолаҳои донишмандон, муҳаққиқон ва аҳли адабу фарҳанг гирд оварда шудаанд, ки ба шахсият, фаъолияти илмӣ ва саҳми Равшан Раҳмонӣ дар рушди фолклоршиносӣ ва пажӯҳиши фарҳанги мардумӣ бахшида шудаанд.

Шумора бо мақолаи «Дар гиромидошти як устоди тоҷик»-и Алӣ Деҳбошӣ оғоз мешавад. Дар бахши «Корномаи илмии Равшан Раҳмонӣ» мақолаи Ҷавод Расулӣ тахти унвони «Бахше аз корномаи илмӣ ва пажӯҳишии Равшан Раҳмонӣ» ҷой гирифтааст.

Бахши асосии маҷалла - «Зиндагӣ ва осори Равшан Раҳмонӣ» мақолаҳои сершумори муҳаққиқонро фаро мегирад. Аз ҷумла, матлабҳои Муҳаммадҷон Шукурии Бухорой ва Ҷалол Ҳуҷҷатии Фаҳим, Худой Шарифзода, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Нуриддин Насимов, Аббос Қанбарии Адевӣ, Мустафо Бобохонӣ, Фарид Бежан ва Кароматулло Олимзода ба табъ расидаанд.

Дар бахши «Гуфтугӯ» мусоҳибаи Қарор Муҳаммадизода тахти унвони «Зиндагӣ, замона, корнома ва... Равшан Раҳмонӣ ба ривояти худи ӯ» пешниҳод шудааст.

Ҳамчунин дар шумора бахши вижаи «Шоҳнома дар миёни тоҷикон» ҷой дода шудааст, ки дар он мақолаи Равшан Раҳмонӣ тахти унвони «Шоҳнома дар фарҳанги мардуми тоҷик» нашр шудааст.

Равшан Раҳмонӣ фолклоршинос, мардумшинос, адабиётшинос ва рӯзноманигори тоҷик, доктори илмҳои филологӣ (1998), профессор (2002) аст. Ӯ муаллиф ва таҳиягари беш аз 100 китоб ва зиёда аз 1700 мақолаи илмӣ ва оммавӣ мебошад.

# ИСТИҚЛОЛ - НЕЪМАТИ БУЗУРГИ МИЛЛАТ

**Истиқлол барои ҳар як миллат неъмати бузург, рамзи озодӣ ва соҳибихтиёрии давлат ба шумор меравад. Барои мо - тоҷикон Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин дастовардҳои таърихи навини миллат мебошад.**

Имсол мардуми сарбаланди Тоҷикистон 35-солагии Истиқлоли давлатии худро ҷашн мегиранд. 35 соли соҳибистиқлолӣ барои Тоҷикистони азизи мо солҳои пур аз заҳмат, созандагӣ, ободонӣ ва пешрафт буданд. Дар ин давра дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла маориф корҳои зиёде анҷом дода шуданд. Мактабҳои нав бунёд гардида, барои таълиму тарбияи насли наврас шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Ман ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, ифтихор мекунам, ки дар тарбияи насли ояндаи кишвар саҳм мегузорам. Кӯдаконе, ки имрӯз дар синфҳои ибтидоӣ дониш меомӯзанд, фардо соҳибони Ватан ва идомадиҳандагони корҳои созандагии кишвар хоҳанд буд. Аз ин рӯ, вазифаи мо - омӯзгорон танҳо саводнок намудани хонандагон нест, балки дар қалби онҳо бедор намудани муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва ҳисси масъулиятшиносӣ низ мебошад.

Мо бояд ба фарзандонамон фаҳмонем, ки Ватан аз ҳар яки мо меҳру садоқат, дониш ва меҳнати ҳалолро талаб мекунад. Ҳар як хонандаи хуб, ҳар як инсони донишманду ватандӯст метавонад дар ободии Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми худро гузорад.

35-солагии Истиқлол барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ҷашни ифтихору шодист. Бигзор Тоҷикистони азизи мо ҳамеша осудаву обод бошад, Парчами давлатӣ парафшон ва сулҳу ваҳдат пойдор бимонад.

Мо - омӯзгорон бо тамоми ҳастӣ кӯшиш менамоем, ки насли наврасро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва донишандӯзӣ тарбия намоем. Зеро ояндаи Тоҷикистон дар дасти ҳамин кӯдаконе мебошад, ки имрӯз бо чашмони пур аз умед ба оянда менигаранд.

Истиқлол муборак, Тоҷикистони азиз!

**Раҳмия ДӮСТЗОДА,**
**омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №10-и ноҳияи Файзобод**

# ХУСДЕҲ

## сафаре, ки роҳи ҷангро баст

**(Аввалаш дар саҳ. 6)**

Ҷаласа пуршиддат ҷараён дошт. Фармондеҳони неруҳои мардумӣ яке паси дигар сухан гирифта, нигаронии худро баён мекарданд.

– Мо иҷозат дода наметавонем, ки неруҳои мухолифин бо силоҳ ба Тоҷикистон баргарданд, - бо қатъият мегуфт яке аз онҳо.

– Аввал бояд силоҳро супоранд, баъд ба Ватан ворид шаванд. Агар имрӯз бо силоҳ баргарданд, кӣ кафолат медиҳад, ки пагоҳ ҷанг аз нав оғоз намешавад?

Ҷонибдорони ин андеша дар толор кам набуданд. Ба назари онҳо сулҳ бе халъи силоҳ хатари оғози ҷанги навро пеш меовард.

Дар толор ду андеша ба ҳам рӯ ба рӯ омада буданд: яке сулҳро танҳо баъд аз супоридани силоҳ имконпазир медонист, дигаре чунин мешуморид, ки маҳз эътимод метавонад силоҳро хомӯш кунад.

Нигоҳҳо ба сӯи Президент равона шуданд. Ӯ оҳиста аз ҷой бархост.

Ба ҳозирон як-як нигарист. Дар нигоҳаш на асабоният буд ва на дудилагӣ. Танҳо ҳисси масъулият. Бо овози ором, вале қатъӣ гуфт:

– Ман ҳамаи нигарониҳои шуморо мефаҳмам. Чунин тасмим осон набуд.

Лаҳзае сукут варзид. Сипас идома дод:

– Вале сулҳ бе эътимод пойдор нест. Агар имрӯз ба ҳамдигар бовар накунем, пас барои чӣ ҳамаи ин музокиротро анҷом додем?

Толорро хомӯшӣ фаро гирифт.

Президент бори дигар ба чеҳраҳои ҳозирин назар афканд. Сипас ором, вале бо қатъияти хос гуфт:

– Ман ин қарорро аллакай ба имзо расонидам. Ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми масъулиятро бар дӯши худ мегирам.

Ин чанд ҷумла ба баҳси тӯлонӣ нуқта гузошт.

Дар толор дигар касе сухан нагуфт. Эътирозе ҳам садо надод. Ҳама дарк карданд, ки дар таърихи давлатҳо лаҳзаҳое фаро мерасанд, ки роҳбар наметавонад масъулиятро бар дӯши дигарон гузорад. Ӯ бояд худ қарор қабул кунад ва худ ҷавобгӯи паёмадҳои он бошад.

Ҳамин тавр, қароре, ки дар Хусдеҳ тартиб дода шуда буд, дар Душанбе қувваи сиёсӣ гирифт. Аз ҳамин рӯз роҳи бозгашти неруҳои мухолифин ба Ватан расман боз ва раванди сулҳи тоҷикон ба марҳилаи нав ворид гардид.

Хусдеҳ анҷоми воқеии роҳи сулҳ буд, вале анҷоми расмии он бояд дар Маскав сурат мегирифт. Дар музокироти қабл роҳи сулҳро мечустанд, Хусдеҳ ба он роҳ самт бахшид. Барои раванди сулҳи Тоҷикистон ин мулоқот ҳамон нақшеро бозид, ки Кэмп-Дэвид барои наздик шудани Мисру Исроил ва Дейтон барои поён ёфтани ҷанги Босния бозида буданд.

Президент таҳкурсии сулҳеро гузошт, ки баъдтар онро Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун яке аз нодиртарин таҷрибаҳои хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷаҳон эътироф намуд.

19 декабри соли 1996 музокироти ниҳоӣ бояд дар Маскав баргузор мегашт. Роҳ ба сӯи Маскав низ ноҳамвор буд.

## МАВЛУДНОМА

### 27 АВГУСТ

**Абдумалик Қурбонов** (1951-2000), 75-солагии олими соҳаи иқтисод.

**Иброҳимҷон Норматов** (1906-1975), 120-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Ширинбибӣ Раҷабова** (1921), 105-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

### 28 АВГУСТ

**Мансур Бобохонов** (1931-2012), 90-солагии доктори илми таърих, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Раъно Тӯрабоева** (1941), 85-солагии зодрӯзи забоншинос (англисӣ).

**Пётр Турдаков** (1911-1989), 115-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Мирра Явич** (1916-1989), 110-солагии зодрӯзи фолклоршинос, мутарҷим, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

### 29 АВГУСТ

**Хайриддин Абдураҳимов** (1956), 70-солагии зодрӯзи генерал-полковник.

**Борис Брагинский** (1926), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

**Иноят Рустамова** (1931), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Саодат Умарова** (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

### 30 АВГУСТ

**Саодат Азизова** (1951), 75-солагии зодрӯзи актрисаи театру кино, Хунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Ҷамшед Исмоилов** (1956), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Хунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Наҷмиддин Ҷамолиддинов** (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

### 1 СЕНТЯБР

**Ҳалим Ёров** (1946-2013), 80-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Қудратулло Иззатов** (1956), 70-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Назокати Сафар** (1966), 60-солагии зодрӯзи шоир.

**Саидумар Раҷабов** (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ.

**Ният Ҳаёт** (1966), 60-солагии зодрӯзи шоир.

**Намоз Ҳотамов** (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Салим Ҷӯраев** (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

### 2 СЕНТЯБР

**Шерзод Абдуллозода** (1946), 80-солагии зодрӯзи файласуф.

**Абдурасул Раҳмонов** (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи астрофизика.

**Абдураҳмон Саидов** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Муҳаббат Саидова** (1941), 75-солагии зодрӯзи адабиётшинос (русӣ).

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) 93 111 08 87

## 1-ҲУҶРАГӢ

Як ҳуҷраро дар хонаи 3-ҳуҷрагӣ иҷора медиҳам, бо соҳибхона, бо тамоми шароиташ, Театри ҷавонон. Тел.: 938-111-938, 111-999-168

## КОР МЕҶӮЯМ

Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

Рӯбучини хона ва хизматгор барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

Рӯбучини подъездҳо дар биноҳои навсохт. Тел.: 931-47-17-13

Донишҷӯи курси 4-ум кори муҳосибӣ меҷӯяд, курсҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (бухгалтерский учет) ва 1С-ро хондааст. Тел.: 88-177-60-00

## ТАЪМИРИ ХОНА

Таъмири пурраи хона: андоваи сафед (белая штукатурка), шпаклевка, гипсокартон, обои, кафел, ламинат, корҳои сантехникӣ ва барқӣ. Тел.: 919-80-27-97, Саидҷафар

## УСТОИ КАФЕЛ

Устои касбии кафел, таҷҳизоти сантехникӣ. Тел.: 915-58-71-31

## ТАЪМИРИ ТЕХНИКАИ МАИШӢ

Таъмири яхдон, бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

## ГУНОГУН

Газовик. Тел.: 988-61-10-57

## МЕХАРАМ

Флягҳо, курпача, қолин, медал, нишон, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, танга, мошинаи дарздӯзӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти даврони шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳан, коғаз мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи ҷомашӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионер, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаи ҷомашӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Созишнома оид ба хариди анборхона аз сохтмони кӯчаи С. Шерозӣ 24, аз 16.05.2022, байни ҶДММ "Манзилсозхои Аъло" ва Куйсунова Мухаббат Ахмедовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи С. Шерозӣ 24, 11-ум ошёна, блоки Г, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Абдуллоева Азиза Акбаровна, ки соли 2018 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи дар бораи иштироки шарикӣ дар сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар хиёбони Рӯдакӣ 31 ва Ак. Раҷабовҳои ноҳияи Шоҳмансур, аз 10.10.2024, байни Дамин-Заде Назира Файзуллоевна ва ҶДММ "Шукуҳи Дастрас", блоки В, ошёнаи 7, 5-ҳуҷрагӣ, 278.7 м.м. ва 6-ҳуҷрагӣ, 310.2 м.м., аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №16665, аз 24.09.2020, ба номи Салимова Майрам, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, деҳоти Чортеппа, деҳаи Кампирқалъа, КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар ш. Душанбе, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Сафаров Абдуманон, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Ҷ. Имомов, хонаи 13/2, аз санаи 06.03.2023, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи №30 мубодилаи хонаи истиқоматӣ ба квартираи нави сохташаванда дар кӯчаи М. Турсунзода, ноҳияи Ёвон, аз 15.02.2025, ба номи Самадов Абдулахад Абдулмаҷидович, н. Ёвон, кӯчаи М. Турсунзода, Блоки А, даромадгоҳи №1, ошёнаи 8, кв №39 (2-ҳуҷрагӣ), 65,77 м.м., аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ, №51264, аз 03.05.2021, ба номи Саркисов Арсен Эдуардович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Н. Ганҷавӣ, хонаи 365/1, ҳ. 14, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ тахти фехрасти 6Д-691, аз 12.05.1990 сол, аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе, ба номи Хурсанова Мубарой Хаибовна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Ҳуснобод, хонаи 34, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дипломи ДТО №0115999, рақами қайд №323, ба номи Холиқова Фарзона Мирзонабиевна, ки соли 2010 аз ҷониби ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи ҶДММ "Сано", РЯМ: 5110009035, РМА: 510016863, санаи таъсисёбӣ 10.03.2006, ки аз ҷониби Нозироти андоз дар ш. Хуҷанд дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дипломи ЦВ №791306, рақами қайд №3229, ба номи Саидов Лутфулло Муҳамадович, ки соли 1992 аз ҷониби Институти давлатии педагогии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дипломи ДТО №0174113, рақами қайд №860, ба номи Рустами Шарифхоҷа, ки соли 2015 аз ҷониби ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси бақайдгирӣ ба соҳибкори инфиродӣ Одинаева Гулҷаҳон Музаффаровна, РЯМ: 0930181369, РМА: 097063165, аз 24.09.2022, аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор дода шудааст, бинобар сабаби фарсуда шуданаш беэътибор дониста шавад.

Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, рақами қайд №4249, аз 28.05.2013, ба номи Расулова Зулайхо, шаҳри Турсунзода, ҷамоати деҳоти Турсун Туйчиев, деҳаи 1 май, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши квартира бо реестри №9Д-522, аз 22.05.2000, ба номи Асхоҷаева Мавлуда Эргашевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ 13г, кв. 1, дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҷумҳуриявӣ ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Асхоҷаева Мавлуда Эргашевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ 13г, ҳ. 1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи ҳадяи нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ тахти фехрасти рақами 2ШД-73, аз 29.08.2019 сол, аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Файзобод, ба номи Ҳакимзода Сангинмурод Дустмурод, нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ воқеъ дар н. Файзобод, шахраки Файзобод, кӯчаи Ленин (ҳозира кӯчаи И. Сомонӣ) аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ба номи Исраилова Парвина Камолитдиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ободкорон, хонаи 53Б, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Васиятнома тахти фехрасти рақами 12Д-448, аз 03.06.2017с., ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Ахраров Саидзуфар Дадахонович тасдиқ гардидааст, гум шудааст.

Дафтари ҳавлӣ ба номи Аллаеров Халилкуль, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон 7, ҳ. 74, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Билети ҳарбӣ, ТС №081634, ба номи Муҳидинов Зафаршо Воҳидович, ки санаи 04.11.2003 аз ҷониби Комиссариати ҳарбии н. Қӯрғонтеппа дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ Маркази Сайёҳати Турсунзода, РЯМ: 07100130077, РМА: 070020141, санаи таъсис 29.01.2025, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ "Шоҳмавлон", №0267050, РМА: 030032452, РЯМ: 0310020700, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ "Кор ва Сайёҳат", №0269739, РМА: 010108853, РЯМ: 0110032139, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

PRESSA .TJ

ФУТБОЛ

# ҲАРИФОНИ «ИСТИҚЛОЛ» ВА «РЕГАР-ТАДАЗ» ДАР ЛИГАИ ДАЪВАТИ КФО МАЪЛУМ ШУДАНД

**Дар қароргоҳи Конфедератсияи футболи Осиё воқеъ дар шаҳри Куала-Лумпури Малайзия қуръакашии марҳилаи гурӯҳии Лигаи даъвати КФО-2026/27 баргузор шуд. Аз рӯйи натиҷаи қуръакашӣ дастаҳои Тоҷикистон низ рақибони худро муайян карданд.**




Ғолиби Чемпионати Тоҷикистон дастаи «Истиқлол»-и Душанбе бо тимҳои «Ал-Арабӣ»-и Кувайт, «Наҷмех»-и Лубнон ва «Ҳомс Ал-Фидоъ»-и Сурия шомили гурӯҳи «В» гардид. Дорандаи Ҷоми Тоҷикистон «Регар-ТадАЗ» дар гурӯҳи «С» бозӣ мекунад. Дастаи шаҳри Турсунзода бо «Гоа»-и Ҳиндустон, «Қадсия»-и Кувайт ва «Фортис»-и Бангладеш дар як гурӯҳ аст.

Бозиҳои марҳилаи гурӯҳии Лигаи даъвати КФО-2026/27 бо иштироки «Истиқлол» аз 17 то 23-юми октябр дар шаҳри Ҳисор ва вохӯриҳои гурӯҳи «С» бо иштироки «Регар-ТадАЗ» дар Кувайт баргузор мешаванд.

КУРАШ

# ПАНҶ НИШОНИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ БОКУ

**Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар Чемпионати ҷаҳонии куштии қазоқии кураш панҷ нишон ба даст овард.**

Мусобиқа аз 21 то 23-юми август дар шаҳри Боку (Озарбойҷон) зери мушоияти United World Wrestling баргузор шуд. Тоҷикистонро хафт паҳлавон намояндагӣ карданд. Инҳо Мубориз Баротзода (55 кг), Мустафои Абдулфайз (66кг), Хусейнзода Муҳаммадраҷаб (74 кг), Наврӯзи Каримзод (82 кг), Ҳақназар Назаров (90 кг), Эмом Камолов (100 кг) ва Дадахон Қурбоналиев (+100 кг) буданд.

Мустафои Абдулфайз ва Наврӯзи Каримзод ҷойҳои аввалро соҳиб шуда, нишонҳои тило ба даст оварданд. Мубориз Баротзода низ хуб ҳунарнамоӣ кард ва ҷойи дуюмро гирифта, соҳиби нишони нуқра шуд. Ҳақназар Назаров ва Муҳаммадрчаб Хусейнзода низ соҳиби нишонҳои нуқра шуданд.



ФУТБОЛИ ЗАНОНА

# КМВА ДАР ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲОИ ОСИЁ ШИРКАТ КАРД



**Дастаи футболи занонаи КМВА аз Душанбе бори аввал дар Лигаи чемпионҳои Осиё ширкат кард ва таҷриба андӯхт.**

КМВА дар як гурӯх бо дастаҳои «Бам Хотун» (Эрон), «Иттиҳод» (Урдун) ва «Ал-Наср» (Арабистони Саудӣ) бозӣ кард ва дар ҳарсе вохӯрӣ ба шикаст мувоҷеҳ шуд. Дар бозии якум духтарони Душанбе аз дастаи "Бам Хотун"-и эронӣ бо ҳисоби 0:3, дар бозии дуюм аз «Иттиҳод» бо ҳисоби 1:5 ва дар бозии охир бо «Ал-Наср» бо натиҷаи 0:12 мағлуб шуданд.

МУҲОРИБА

# РАЗМИКОРИ ТОҶИК БАРОИ УНВОНИ ACBJJ МУБОРИЗА МЕБАРАД

**Размикори тоҷик Ҳалим Назрулоев (11-0) 30-юми август дар лигаи муҳорибаи ACBJJ аввалин набарди худро анҷом медиҳад.**

Дар мусобиқаи ACBJJ 22 дар Истамбул ӯ дар риштаи No-Gi - набард бе кимоно рақобат хоҳад кард. Рақиби ӯ размикори қазоқ Асу Алмабоев (24-3) хоҳад буд. Ин мубориза дар вазни 60 кг мақоми All-Stars Title Match сурат хоҳад гирифт.

Ин аввалин мубориза Назрулоеви 27-сола дар ACBJJ хоҳад буд. Ӯ фаъолияти касбии MMA-и худро соли 2019 оғоз карда, дар RCC ва ONE Championship ширкат кардааст.

Охирин муборизаи варзишгари тоҷик 4-уми июли соли 2026 дар RCC 25 баргузор шуд, ки дар он ӯ Рафаэл Костаро бо зарбаи сар нокаут кард. Пас аз пирӯзӣ Назрулоев хоҳиши бастани шартнома бо UFC-ро эълон кард.

Размикори дигари тоҷик Қамариддин Ҳасанов (Комил Каратэ) низ дар ин мусобиқа ширкат хоҳад кард.




РЕЗААХБОР



Дар Тошканд Чемпионати сеюми кушоди варзиши сабуки Осиёи Марказӣ бо ширкати варзишгарон аз Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Тайланд, Сингапур, Гурҷистон ва Арабистони Саудӣ баргузор шуд. Варзишгари тоҷик Фаворис Музрапов дар дав ба масофаи 100 метр дуюм шуд, Илдар Ахмадиев дар ҷаҳиндан ба дарозӣ ва Муштарӣ Бобокулова дар партофтани гурз сеюм шуданд.

***

Дастаи мунтахаби ҷавонони футболбози Тоҷикистон (U-20) таҳти роҳбарии Рустам Хоҷаев дар доираи ҷамъомади таълимиву тамринӣ дар шаҳри Бейрути Лубнон ду бозии санҷишӣ анҷом дод. Даста дар бозии якум бо ҳамсолони худ аз Лубнон бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд ва дар бозии дуюм бо ҳамин даста мусовӣ (2:2) кард.

***

«Хуҷанд» дар бозии нимниҳоии Ҷоми футболи Тоҷикистон дар сафар бар «Равшан» ғолиб (3:1) омад. Бозии дигари даври нимниҳоӣ бо ширкати дастаҳои «Эсхата» ва «Сардор» ба вақти дигар гузошта шуд. Бозиҳои ҷавобӣ мувофиқи ҷадвал бояд дар моҳи сентябр баргузор шаванд. Ҷоизаи умумии мусобиқа 300 хазор сомонӣ аст.

***

Дастаи «Регар-ТадАз» дар бозии мавқуфмондаи даври 10-ум бар «Истаравшан» бо ҳисоби 3:1 ғолиб омад ва бо ба даст овардани 33 имтиёз ба садри ҷадвали чемпионат баромад. «Истиқлол» бо 31 имтиёз дар зинаи дуюм аст ва «Ҳосилот» бо 28 имтиёз зинаи сеюмро ишғол кардааст.




## ЧАШМАИ КАСАЛИ ҚАНД

Бародари мо дар яке аз деҳаҳои қариби ноҳия маскан ва як порча замини деҳқонӣ дорад. Номаш Шайдулло. Ба таври дигар гӯем, Шаҳидулло. Ана ҳамин Шаҳидулло дар заминаш солдармиён гандуму чаву наску нахӯд мекорад.

Ҳамин тобистони гарм чӣ хел шуду нашуд, аз бехи дарахти дулонаи заминаш чашмаи оби зулолу сарде фаввора зада баромад. Ҳамин хел боз обаш ширин, ки аҷоиб гӯед. Акнун ҳамсояҳо омада аз ин чашма косаю зарфҳояшонро пур карда мераванд. Пагоҳаш Маҳмуд ном ҳамсояаш, ки чор сол боз касалии қанд азобаш медиҳад, ба лаби чашма омада, ба соҳиби он арзи матлаб кард:

- Ҳамин оби чашмаи ту ба ман фоида карда истодааст. Касалӣ ба мисли пештара азобам намедиҳад.

Ин гап ба гӯши 10-12 нафар қанддорҳои дигари деҳа расиду акнун оби чашмаро бо флягҳои калон-калони оҳанӣ мебурданд. Онҳо низ беҳтар шуданашонро ҳикоя карданд. Ҳикоя ба афсона мубаддал шуд ва имрӯз он бо номи "Чашмаи шифои қанд" машҳур шуда истодааст. Лекин ноҳияашро намегӯям, чунки дар ҷумҳурӣ ҳазорҳо-ҳазорҳо кас гирифтори бемории қанд аст. Боз бисёр наояду навбаташон нарасад...

**Нурулло ҲАСАНОВ,**
**рӯзноманигор**

## ДАМГИРӢ ДАР ХАРАНГОН

Се сол пеш барои дамгирӣ бо нависандаи маъруф устод Мирзо Шукурзода (равонаш шод бод) ба осоишгоҳи Харангон рафтем.

Рӯзи аввал, пас аз харид аз мағоза, дар роҳ пулҳои устод афтидаанд. Баъдан харчанд кофтем, наёфтем.

Рӯзи дуюм чунон офтобӣ шуд, ки сӯхтему пухтем.

Рӯзи сеюм маро даруни сандалии баркӣ хоб бурдааст. Қариб бирён мешудам.

Рӯзи чорум устод шабона чанд одами мурдаро дар хоб дида, чунон фарёде кашид, ки на танҳо ман, балки қариб тамоми бошандагони бино бедор шуда, ба ҳуҷраи мо давиданд.

Рӯзи панҷум аз шамоли кондиционер ман таб баровардам ва устод маро бемордорӣ карданд.

Рӯзи шашум бемории қанди устод хуруҷ кард ва ман ӯро бемордорӣ кардам.

Рӯзи ҳафтум шамоли сахт вазид ва ними меваро резонд, ними шохаҳоро шикаст.

Рӯзи ҳаштум борони сахт борид, мо дар шипанг саққобозӣ кардем ва ҳар ду хунук хӯрда, аз тамоми процедураҳо мондем.

Рӯзи нуҳум, шабона сел омад ва пули зебои болои рӯдхонаро бурд, як котеҷро хароб кард, соҳилҳои ду тарафро канд.

Рӯзи даҳум, субҳ устод аз хоб бархостанду гуфтанд:

- Дӯстам, биё биравем, ки агар як рӯзи дигар бимонем, дар ин осоишгоҳ хиште бар хиште боқӣ нахоҳад монд.

**Ато МИРХОҶА**

## ИШТИБОҲ

Дандонпизишк ба бемор:

- Узри зиёд, ман сахван дандони сиҳати шуморо кандам, акнун дандони дардмандатонро кандан лозим.

Бемор:

- Хайрият, ки шумо духтури чашм нестед, ако!

## ПАДАР

Аз суҳбати кӯдакон:

- Мо дар оила ду фарзандем, ҳар кадомамон хонаи алоҳида дорем.

Кӯдаки дигарӣ мегӯяд:

- Мо дар оила се фарзандем, ҳарсеямон дучарха дорем.

Кӯдаки сеюм:

- Мо дар оила ҳафт фарзандем, ҳар кадомамон падари худро дорем!

## БОРОН

Занги телефон:

- Алло, ин ҷо маркази обуҳавосанҷии кишвар?

- Бале. Гӯш мекунам.

- Шумо имрӯз ҳавои соф пешгӯӣ карда будед, вале борон гӯё аз сатил меборад.

- Сюрпризззз!

## НОЗУ НУЗ

Пешхизмат ба мизоҷ:

- Тамоми нозу нузи шуморо бар ивази пул мебардорем.

Мизоҷ:

Ман пул надорам!

- Ин хел бошад, нозу нуз накунед!

## ДАНДОН

Зан ба шавҳар:

- Агар як бори дигар дағалӣ кардӣ, зада 64 дандонатро мешиканам.

Хушдоман бо ханда:

- Охир, ӯ 32 дандон дорад.

Зан:

- Хола, ман медонистам, ки шумо ҳам дахолат мекунед, аз ин рӯ, дандонҳои шуморо низ ҳисоб кардам.

## АСТАР

Дӯзанда аз мизоҷ мепурсад:

- Шумо оиладоред ё муҷаррад?

Мард:

- Оиладор.

Дӯзанда:

- Ин тавр бошад, менависем: "Кисаи пинҳонӣ дар астари пичак!".

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

